**Тоҷикистони маҳбуби мо воқеан Ватани аслии Наврӯз аст. Маҳз расму ойинҳои инсонпарваронаи Наврӯз ва дигар ҷашнҳои ориёӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргон, ки дар кишвари мо аз баракати соҳибистиқлолӣ эҳё гардидаанд, омили пойдориву мондагории арзишҳои милливу фарҳангӣ ва илмиву адабии мардуми ориёитабор дар саҳифаҳои таърих мебошанд.**

**Эмомалӣ РАХМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО


**Маорифи Тоҷикистон**


**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 6915 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№3**

**№3 (239). 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РАҲНАМО**

Наврӯз – ҷашни пайванди инсон бо табиат (Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ....................3

**РӮЗИ МОДАР**

С. ФАЗЛ. Лоиқ ва модар....................6

**РӮЗИ МАТБУОТ**

М. ИМОМЗОДА, Н. НУРАЛИЗОДА. Баррасии публитсистикаи устод Айнӣ дар «Тоҷикистони сурх»....................9

**ҶАШНВОРА**

Ф. ҚОДИРЗОДА. Наврӯз – пайвандгари фарҳангҳо ва захираи миллии сайёҳӣ....................13

**ИСТИҚБОЛ**

Х. ҲОШИМОВА. Таърихи эҳёи ҷашни Наврӯз....................16

**21 МАРТ – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПИРЯХҲО**

И. ИБРОҲИМЗОДА. Нақши пиряхҳо дар рушди иқтисодиёт....................19

**МЕҲРНОМА**

С. САИДҲОМИДОВ. Шеъре дар васфи Пешво....................22

**ҲАМОВОЗӢ**

Ғ. ҒАРИБШОЕВ. Маориф ва татбиқи раванди технологӣ-инноватсионӣ....................25

**ЗАМОН ВА ЗАНОН**

Х. ҒИЁСПУР. Занонро гар зи дониш зеваре ҳаст....................28

**РИСОЛАТ ВА КАСБИЯТ**

Р. НУРАҲМАДЗОДА. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ....................31

**ТОМАКТАБӢ**

Ҷ. СУЛТОНОВА. Инкишофи мустақилият дар кӯдакони синни томактабӣ ....................34

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

А. НАҶМИДДИНИЁН. Роҳҳои рушди тафаккури техникии омӯзгорон....................36

Г. АВЕЗОВА, Ш. ЗАБИРОВ. Математика ва физика дар тиб....................38

**ХИМИЯ**

С. РАБИЕВ. Методикаи тартиб додани формулаҳои оксидҳо, асосҳо ва номгузориҳои онҳо....................41

**ФИЗИКА**

М. ШАРИФЗОДА. Масъалаҳои физикӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо....................44

**ҚОНУН ВА ИҶРО**

Н. САЙФИДДИНЗОДА. Экспертизаи давлатӣ – чораи самараноки пешгирии коррупсия дар низоми қонунгузорӣ....................55

**САНАД**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ»....................60

# НАВРӮЗ – ҶАШНИ ПАЙВАНДИ ИНСОН БО ТАБИАТ

***Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ***

***20.03.2025, шаҳри Душанбе***



**Ҳамватанони азиз!**

Фарорасии ҷашни Наврӯзи байналмилалиро ба ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Орзумандам, ки рӯзу рӯзгоратон аз файзу баракати ин ҷашни зебои табиат ҳамеша пур аз шодиву нишот бошад.

Наврӯз ҷашни бузурги миллии мо – тоҷикон ва оғози соли нави аҷдодӣ аст, ки ба пешвози фарорасии он табиат ва тамоми мавҷудоти олам эҳё мешавад ва дар ҷону руҳи инсонҳо умед ба зиндагӣ ва дӯст доштани он дигарбора зинда мегардад. Яъне Наврӯз айёми гузариш ба фасли нави зиндагӣ, пирӯзии гармӣ бар сардӣ, ҷашни равшанӣ ва нур, дӯстиву муҳаббат, шодиву хурсандии ҳамагонӣ ва шукуфтани орзуҳо мебошад.

Аҷдоди фарҳангиву тамаддунсози мо тавонистаанд, ки ҷашни Наврӯз ва расму ойинҳои онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳифзу нигоҳдорӣ карда, то ба рӯзгори мо расонанд.

Наврӯз, ки решаҳои он аз суннатҳои фарҳангии ниёгони мо сарчашма мегиранд, рамзи эҳтиром ба табиат, арҷгузорӣ ба арзишҳои инсондӯстона ва қаробату ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад.

Ин ҷашни зебои табиӣ дар раванди рушди таърихӣ бо ҳикмату фалсафаи инсонпарваронааш ба тамаддуну фарҳангҳои дигар таъсири амиқ расонида, аз ҷониби халқу миллатҳо тадриҷан пазируфта шудааст.

Яке аз омилҳои ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани Наврӯз маҳз аз ҳамин иборат аст.

Бояд гуфт, ки маҳз унсурҳои неку писандидаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Наврӯз ва ҳамоҳангӣ бо табиат инсонҳоро ба ҳам меоваранд, муттаҳиду муттафиқ месозанд, муносибати байни онҳо ва вазъи руҳии онҳоро дар ҳоли эътидолу оромӣ ва шодиву сурур нигоҳ медоранд.

Зеро ҳамаи ойинҳои наврӯзӣ дорои аҳаммияти инсондӯстона, ҳикмати рӯзгор ва ташвиқи ҳаёти орому осоиштаи аҳли башар мебошанд.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ва мардуми покниҳоду фарҳангпарвари он меросбари ҳақиқии ин ҷашни оламгир эътироф шудаанд, зеро тамоми суннату ойинҳои инсонпарваронаи

Наврӯз маҳз дар сарзамини аҷдодии мо ва дар тамоми қаламрави кишвари биҳиштосоямон поку беолоиш ҳифз гардидаанд. Яъне Тоҷикистони маҳбуби мо воқеан Ватани аслии Наврӯз аст.

Маҳз расму ойинҳои инсонпарваронаи Наврӯз ва дигар ҷашнҳои ориёӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргон, ки дар кишвари мо аз баракати соҳибистиқлолӣ эҳё гардидаанд, омили пойдориву мондагории арзишҳои милливу фарҳангӣ ва илмиву адабии мардуми ориёитабор дар саҳифаҳои таърих мебошанд.

Бинобар ин, ҳар як фарди ватандӯст ва бонангу номус дар ҳифзи ин суннату анъанаҳо ва баргузории шоистаи ҷашнҳои бостонии мардумӣ бояд саҳмгузор бошад.

Наврӯз дар Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон на танҳо ҳамчун ҷашни фарҳангиву мардумӣ, балки ба сифати суннати муҳимми эҳёи табиат ва талош барои фаровонӣ азизу гиромӣ дониста мешавад. Яъне Наврӯз ҷашни пайванди инсон бо табиат буда, одамонро ба амалҳои созандаву ободгарона талқин мекунад ва ба онҳо илҳому неру мебахшад.

Ин аст, ки мардуми заҳматпешаи мо баъд аз ҷашни Сада ва дар арафаи Наврӯз тибқи анъанаи гузаштагонамон омодагиро ба корҳои бунёдкорӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва ниҳолшинонӣ вусъат мебахшанд.

Доир ба ин масъала, ман зимни суханронии худ дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018 – 2028» гуфта будам, ки дар доираи иҷрои «Барномаи кабудизоркунии табиати кишвар то соли 2040» бояд зиёда аз ду миллиард бех ниҳол шинонида шавад.

Ҳоло таъкид менамоям, ки маҳз айёми Наврӯз – замони эҳё гардидани табиат барои татбиқи ин ҳадафи бузург фурсати бисёр муҳим мебошад. Яъне ҳамаи моро зарур аст, ки рӯзҳои мусоиди баҳорро ҷиҳати ободу зебо ва сарсабзу хуррам гардонидани кишвари биҳиштосоямон самаранок истифода барем.

Ҳамватанони мо хуб медонанд, ки солҳои охир бар асари мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим вазъи ҷаҳон торафт мураккабу бӯҳронӣ гардида, амнияти озуқаворбагии кишварҳоро таҳти хатари ҷиддӣ қарор дода истодааст.

Чунин шароит моро водор месозад, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса дода, барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ беш аз пеш кӯшиш намоем ва тамоми захираву имкониятҳои мавҷударо ба ин самт равона созем. Аз ин рӯ, кишоварзони мамлакат ва ҳамаи онҳое, ки дар ихтиёри худ як порча замин доранд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди баҳорӣ самаранок истифода карда, гирифтани се – чор ҳосилро таъмин намоянд ва истеҳсоли маҳсулоти ғизоиро афзоиш диҳанд.

Ҳар як оилае, ки соҳиби замини президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошад, бояд ҳар ваҷаби онро барои таъмини оилаи худ бо озуқаворӣ ва захираи маводи ғизоӣ самаранок истифода намояд.

Мардуми азизи Тоҷикистон тибқи суннатҳои неки Наврӯзи аҷдодӣ ба истиқболи ин ҷашни фархунда макони зисту ашёи рӯзгор ва сару либоси худро тозаву озода ва нав мекунанд, кинаву адоватро аз қалби худ пок месозанд ва ҳамдигарро бо чеҳраи кушоду пурмеҳр табрик мегӯянд.

Ҳамдиёрони мо дар ин айём, ҳамчунин, амалҳои хайру савоб, аз ҷумла кумаку дастгирии ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату ниёзмандонро анҷом медиҳанд. Моро зарур аст, ки бо Наврӯзи аҷдодиамон, ки ҷашни байналмилалӣ эълон гардидааст, ифтихор намоем, онро азизу гиромӣ дорем. Зеро ҷашни Наврӯз барои мо рамзи ваҳдати миллӣ ва дӯстиву муҳаббат буда, дирӯзу имрӯз ва фардои мо – мардуми ориёитаборро ба ҳам мепайвандад.

Бовар дорам, ки Наврӯзи оламафрӯз ва Соли нави аҷдодӣ бо қадамҳои некаш ба хонадони мардуми бонангу номус ва фарҳангдӯсту сулҳпарвари тоҷик саломативу хушҳолӣ ва фатҳу кушоишҳои нав меоварад.

Мо бояд ҳар рӯзи баҳорро барои ниҳолшинонӣ, тозаву озода кардани ҳар як хонаву кошона ва сарсабзу хуррам гардонидани маҳалли зисти худ, созандагиву ободонии Ватани азизамон ва заҳмати аҳлонаи хурду бузурги кишвар истифода барем.

Мо сарзамини аҷдодиамонро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо дастони худамон обод месозем, давлати соҳибихтиёрамонро неруманду пешрафта мегардонем, коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд мекунем ва барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё менамоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки мардуми мо ҳама гуна ҷашну хурсандӣ, хусусан, Наврӯзро бо хонаи тозаву озода, зоҳири зебову ороста ва ботини поку беолоиш истиқбол мегиранд.Мо набояд фаромӯш кунем, ки тоҷикон дар байни мардумони ҷаҳон ҳамчун миллати фарҳангӣ шинохта ва эътироф шудаанд. Мо бояд номи неки миллати фарҳангиро бо одоби баланди инсонӣ ва маданияти либоспӯшӣ дар ҳама ҷо, бахусус, ҳангоми ба пойтахт омадан ва сафар ба кишварҳои дигар пос дорем.

Зимнан, хотирнишон менамоям, ки айёми Наврӯз беҳтарин фурсат барои баргузории ҳар гуна ҳамоишу озмунҳо ҷиҳати таблиғу муаррифии либосҳо ва таомҳои миллӣ мебошад. Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки дар байни мардуми мо забҳи чорво барои гузаронидани чорабиниҳои наврӯзӣ роиҷ нест.

Ин ҷашнро гузаштагони мо бо омода кардани таомҳои миллӣ аз гиёҳҳои шифобахши диёри биҳиштосоямон ва бо риояи қоидаҳои сарфаю сариштакорӣ баргузор менамуданд. Дар ин раванд, мо бояд ба тарбияи фарзандон аз хурдсолӣ ва ба камол расонидани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи асри пешрафти илму техника ва технологияҳо диққати аввалиндараҷа диҳем.

Бо итминон ба ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстии мардуми сарбаланди кишвар изҳор менамоям, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва минбаъд низ мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти содиқона Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар ҷаҳон баландтар мебардорем.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар тамоми мардуми азизи Тоҷикистонро ба ифтихори ҷашни Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзӣ саломатӣ, хонаи обод, бахту иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак бод, ҳамватанони азиз!**

***President.tj***

*Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,*
*Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил бирафрӯзӣ.*

*Сухан дар парда мегӯям, чу гул аз парда берун ой,*
*Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми Мири наврӯзӣ.*

*Май андар маҷлиси Осаф ба Наврӯзи Ҷалолӣ нӯш,*
*Ки бахшад ҷуръаи ҷомат ҷаҳонро сози наврӯзӣ.*

***Ҳофизи Шерозӣ***

# ЛОИҚ ВА МОДАР



Саидаи ФАЗЛ –
Аълочии маорифи
Ҷумҳурии
Тоҷикистон

**Дар Барномаи таълими адабиёт аз осори устод Лоиқ Шералӣ ҷо додани таълими мавзуъҳои «Модарномаи Лоиқ. Таҳлили шеърҳои силсилаи модарнома, васфи сифатҳои ҳамидаи модар, муносибати модару фарзанд» дар синфи 11 ҷанбаи бузурги тарбиявию ахлоқӣ дошта, хонандаи имрӯзаро водор мекунад, бидонад, ки МОДАР кист ва чаро эҳтироми ӯ воҷиб аст?**

Воқеан, дар васфи модар бузургон ончунон гуфтаанду навиштаанд, ки интиҳо надорад. Ин далели он аст, ки меҳри модар ва бузургии ӯ безавол аст. Намунаи беҳтарини гиромидошти модар аз муносибати Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба модар, умуман, ба занону бонувон ҳувайдост. Агар замони Шуравӣ муҷассамаи «Модари гирён» ба хотири сарбозони дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалокшуда қомат рост карда буд, дар давраи Истиқлол бунёди пайкараи «Дуои модар» дар Хуҷанд ва Кӯлобшаҳр далели арзиши баланди дуои модарро ба фарзанд ифода карда, ҷомеаро ба риояи эҳтироми ӯ водор менамояд. Дар кинофилмҳо ва санъату адабиёт ҳам симои модар ҳамеша барҷаста офарида мешавад. Хусусан, дар адабиёти тоҷик ба ин масъала кулли шоирон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд.

Фикр мекунам, беҳтарин мадҳияро дар васфи модар Шоири халқии Тоҷикистон, шодравон Лоиқ Шералӣ эҷод кардааст. Таҳти унвони «Модарнома» бисёр шоирон шеърҳо эҷод кардаанд, вале «Модарнома»-и Лоиқ бе ягон шакку шубҳа, миёни ҳама осори манзум бо забону сабку мазмуну муҳтавои рангинаш мақоми хоса дорад. Шоири тавоно модарро бо таркибу ибора ва санъатҳои бадеии ҷаззоб тавсиф кардаву симои зоҳириву ботинии ӯро аз паҳлуҳои гуногун ба риштаи тасвир гирифтааст. Дар шеъри «Ба модарам» заҳмати беқиёси модар хеле содаву самимӣ ва муассир тасвир ёфтааст:



*Ҳазорон маргро, андуҳу ғамро пушти сар кардӣ,*
*Нахӯрдиву напӯшидиву бо сад ранҷ парвардӣ*
*Маро бигрифта зери пар.*
*Барои он ки дар ман зиндаю ҳозир бубинӣ боз*
*Ҳамон сайёдҳои сайдгашта – рафтагонатро,*
*Шудӣ хуни ҷигар, модар...*

Бале, модар барои парвариши фарзанд бо ҳамин гуна азхудгузаштанҳо хуни ҷигар мешавад. Бахусус, ғайрати модарони деҳотӣ, ки алорағми душвориҳои табиату мушкилоти зиндагӣ пайваста баҳри осудагиву бедардӣ ва беғамии фарзандон талош мекунанд, дар ашъори шоир басо табиӣ ифода ёфтааст. Ҷасорати модар метавонад ҳама гуна садди мушкилро барҳам занад ва албатта, ба хотири оромишу осоиши фарзандон, ба хотири ҳифзи сиҳатӣ ва таъмини амнияти онҳо. Чунончи, шоир дар шеъри «Зимистон» мушкилнописандии модарро дар фасли сармо чунин менигорад:

*Зимистон. Барф то зону,*
*Зи чашма кӯза бар сар об меорӣ,*
*Зи рӯи барфи лағжон хастаю нотоб меорӣ.*
*Ба зери дегдон оташ ниҳода,*

*Ту дар ҳар шуълаи рақсони он чун фолбинон*
*Маро бинӣ, маро андар ҳузури хеш пиндорӣ.*
*Барои рӯи бому пок созӣ барфҳояшро,*
*Ба ёд орӣ ҷавонию бинои бебақояшро...*

Бале, модар аст, ки бароящ сармову гармо фарқе надорад, модар аст, ки ҷавонияшро қурбони ҳаёти фарзандон мегардонад. Тасвири шоир дар мисоли ибораи «шуълаи рақсон» тасаввуреро дар зеҳни хонанда ба вуҷуд оварда, касро мутмаин месозад, ки хаёлоти шоир дурпарвоз аст ва ба василаи ин шуъла вай симои фарзандашро пеши чашм мебинад. Ба рӯйи бом баромада, «бинои бебақои ҷавонӣ»-ро ба ёд овардани модар ҳасрате дигар аст.

Барои ҳар фарзанд дидани модар дар ҳолати нотавонӣ, беморӣ ва пирӣ хеле дарднок аст. Ин маънӣ аз назари устоди борикбин хеле барҷаставу образнок баён ёфтааст. Аз ҷумла, норохатии худро аз камқувват шудани модар, аз он ки пир шудаву ҳусни ҷавонияшро дар роҳи ҳифзи зиндагии фарзандон аз даст додааст..., дар шеъри «Модар» басе бо дард, вале образнок ифода карда, аз модар илтиҷо мекунад, ки бо ҳаёт хайрбод нагӯяд. Дар ин шеър барбод рафтани ҳусни модар дар ҳар мисраъ бо ҷузъиётнигорӣ амиқтару равшантар ифода ёфтааст. Чунончи, модар ба «Офтоби сари кӯҳ» монанд шуда, ногиро шудани панҷаҳои нарму печони ӯ, ки якумр дар меҳнат обутоб ёфта буданд, шоирро нигарон кардаанд. Нобино шудани чашмони модар, ки мисли барқ медурахшиданд, мисли хокистар шудани мӯйҳои ӯ ва ин ки пойҳои модар дигар мадори роҳ гаштан надоранд, то чӣ андоза аз муҳаббати беандозаи фарзанд ба модар ва ҳароси аз даст додани ӯ дарак медиҳанд:

*Пир гаштӣ, шуълаи ҳуснат парид,*
*Офтоби зиндагият бар сари кӯҳе расид.*
*Панҷаҳои нарму печони ту ногиро шуданд,*
*Чашмҳои барқафшони ту нобино шуданд.*
*Мӯйҳоят ранги хокистар шуданд,*
*Пойҳоят аз сафар шалпар шуданд,*
*На,*
*Макун бо зиндагонӣ хайрбод,*
*Оҳ модар!*
*Оҳ модар!*

Баъзан шоир бузургиву шукӯҳи инсонии модарро бо баёни шевою хушоҳанг, ташбеҳу истиораҳои тозаву ноб ба риштаи тасвир мекашад. Модар аз нигоҳи шоир, обастан (бордор, ҳомила)-и тамоми ғаму шодӣ ва бори имрӯзу фардост. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат ӯ миёни мавҷудоти зинда ягона ва мақому рисолаташ аз дигарон болотару волотар ҳисобида мешавад:

*Ту яктоиву дар ҳар ҷо,*
*Ту танҳоиву ту бо мо.*
*Туӣ обастани шодӣ,*
*Туӣ обастани ғамҳо.*
*Туӣ обастани имрӯз,*
*Туӣ обастани фардо.*

Такрор шудани вожаи «обастан» ба шеър ҷаззобият бахшида, мавҷуди зиндагиафрӯз будани модарро таъкид сохтааст.

Дар шеъри «Қарз» шоир симои нуронӣ ва нигоҳи лабрези таманноҳои модарро ҳунармандона тасвир карда, орзу мекунад, ки шукуфтани рухсору ҷилои зарҳалии мӯйи ӯ дар хотираш монанд ва аз он акси шафақ лаҳзае ба рӯяш расад:

*Лабонат хандаомӯзанд,*
*Аз шодӣ нишон доранд,*
*Шукуфтанҳои рухсорат баҳори бехазон доранд.*
*Ҷилои зарҳалии мӯйҳоятро*
*Бимон бар ёди худ гирам,*
*Бимон аз он ба рӯи ман расад акси шафақ як дам!*

Бешакку шубҳа, марги модар ва аз даст додани ӯ барои ҳар фарзанд мусибати бузург аст. Шоир дар шеъри «Дар сари гӯр» аз аламу ҳасрати фарзанд мегӯяд ва он лаҳзаҳоеро инъикос мекунад, ки модар лаззати онҳоро надида меравад. Ҳар модар орзу мекунад, ки орзуву ҳавасашро

дар тӯйи фарзандон бинад, аммо ормонҳояшро бо худ ба гӯр бурдани ӯ ҳасрате дар дили фарзандон мегузорад:

*Ҷашни фарзандони худ нодида рафтӣ, модарам,*
*Донаи барчошро ночида рафтӣ, модарам.*
*Пеш-пеши наварӯсу дастаи машъал ба даст*
*Шодмон, пирона норақсида рафтӣ, модарам.*

Шоир ёд аз он рӯзҳое мекунад, ки модар ӯро чӣ гуна бо хушҳолӣ ба мактаб мебурд ва чӣ гуна шаб бо қиссахонӣ мехобонид:

*Бегулу гулдаста мактабхона мебурдӣ маро,*
*Дошта аз дасти ман, шодона мебурдӣ маро.*
*Баъди мактаб то дили шаб бо забони шаккарин*
*Бар ҷаҳони қиссаю афсона мебурдӣ маро.*

Шояд дар адабиёт мадҳияе ба мисли «Қасидаи модар»-и устод Лоиқ кам дучор ояд ва агар ба назар расад ҳам, дақиқан ин шеъри устод дар нисбати он сурудаҳо бартарии бештар дорад. Ҳар мисраи шеър бори як ҷаҳон маъниро мекашад. Қасидаи мазкур бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

*Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,*
*Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.*

Ин байт ҳар фарзандро водор мекунад, ки бо амалҳои неку шоиста дуои модарро аз худ намояд, зеро дуои модар барои пешрафти кору зиндагӣ зарур ва муфид аст. Воқеан, китоби шоир бо номи «Дасти дуои модар» илҳомбахши шоирони дигар ҳам гаштааст. Чунончи, шоири шинохта Камол Насрулло мегӯяд:

*Як умр бар сари мост дасти дуои модар,*
*Бахту бақои дунёст дасти дуои модар...*

Ё:

*Мову туро кунад ҳифз танҳо дуои модар,*
*Сад ҷону дил фидо кун дар пеши пои модар.*

Лоиқ дар анҷом боз ҳам таъкид мекунад, ки ҳар фарзанд шуҳраташ ба фалак печад ҳам, дар пеши пойи модар сар хам мекунад:

*Аз сатвату зи шуҳрат гар бар фалак занам сар,*
*Таъзим мекунам боз дар пеши пои модар.*

Дар идома шоир ба онҳое эътироз мекунад, ки ризоияти модарро ба даст наоварда, худнамоӣ мекунанд:

*Хира бар он касонам, к-аз хештан ризоянд,*
*Як бор ношунида ҳарфи ризои модар.*

Бехабар аз он ки, бе модар дунё равшан нест:

*Гардун сафо надорад, чашмаш зиё надорад,*
*Гар дар замин набошад нуру зиёи модар.*

Шоир бо ҳасрат таъкид мекунад, ки дар рӯзи сахтӣ ғамхорон зиёданд, аммо ҷойи модарро касе гирифта наметавонад:

*Ғамхору ғамшарикон аз мӯи сар зиёданд,*
*Аммо ба рӯзи сахтӣ холист ҷои модар.*

Шоири сухансанҷу дақиқназар мутмаин аст, ки агарчи тамоми шоирони олам якҷо дар васфи модар мадеҳасароӣ кунанд, як байт ҳам ифодагари бузургии ӯ шуда наметавонад:

*Гар шоирони олам якҷо мадеҳа гӯянд,*
*Як байт ҳам наарзад андар санои модар.*

Омӯзиши «Модарнома»-и Лоиқ Шералӣ дар шароити имрӯза аҳаммияти бештар пайдо кардаст. Омӯзгоронро мебояд, барои ба зеҳни насли имрӯз расондани маъниҳои шеъри шоир аз тадбирҳои гуногун кор гиранд. Масалан, дар асоси ашъори шоир метавон саҳнача, намоишнома, байтбарак, вохӯриву суҳбатҳо бо ашхоси фарҳангӣ ташкил кард. Чунин ташкили кор дар замоне ки беэҳтиромии қисме аз ҷавонон ба Модар – Ватан бештар ба назар мерасад, аз манфиат холӣ нест.

# БАРРАСИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ УСТОД АЙНӢ ДАР «ТОҶИКИСТОНИ СУРХ»

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ**

**Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз оғози таъсис то ба имрӯз рисолати бузургро бар дӯш гирифта, дар ҳимояи арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлату Ватан хидматҳои шоистаро ба ҷо овардааст. Сад сол муқаддам шумораи нахустини он 15-уми марти соли 1925 бо номи «Иди тоҷик» аз чоп баромада, минбаъд бо ифодаи ғояву ҳадаф ва вазифаҳо нашрия бо номҳои «Бедории тоҷик» (1925), «Тоҷикистони сурх» (1928), «Тоҷикистони советӣ» (1955), «Тоҷикистони шуравӣ» (1990) нашр шудааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо номи «Ҷумҳурият» (1991) чоп ва дастраси хонандагон мегардад.**

Таърихи фаъолияти нашрия гувоҳ аст, ки аз ибтидо то ба имрӯз дар номи рӯзнома мафҳумҳои *тоҷик, Тоҷикистон, Ватан* тавъаманд ва ҳадафу рисолати таърихии рӯзнома низ ҳифзи арзишҳои миллӣ, марзу буми ҷуғрофӣ ва маънавии миллати тоҷик мебошад. Дар рушду нуму ва пешрафти рӯзномаи «Ҷумҳурият» фарзандони баруманди халқи тоҷик, аз ҷумла, Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айнӣ, ки яке аз муаллифони фаъол ва асосии рӯзнома ба ҳисоб меравад, нақши муассир гузоштааст. Устод Айнӣ вобаста ба мақоми рӯзнома менависад: «Газетаи «Тоҷикистони сурх» модари матбуоти Тоҷикистони советӣ, ҳатто, модари матбуоти тоҷикии советист, ки имрӯз даҳҳо фарзандони баркамоли республикавӣ, вилоятӣ ва районӣ дорад».

Дар радифи осори устод Айнӣ ҳамчун шоир, нависанда, адабиётшинос, муаррих ва забоншинос асарҳои публитсистии ӯ низ мондагор мебошад. Мусалллам аст, ки публитсистикаи устод Айнӣ вобаста ба вазъи замон тағйир ёфта, ба умдатарин мавзуъҳои давр бахшида шудааст. Заминаҳои ташаккули эҷоди публитсистии устод Айниро муҳаҳаққиқ Қироншоҳ Шарифзода ба чор давра: а) солҳои 1896-1917; б) солҳои 1918-1923; в) солҳои 1924-1930; г) солҳои 1931-1954 тақсим кардааст [10]. Дар мавриди марҳалаи сеюми осори публитсистии устод Айнӣ (солҳои 1924-1930), ки бештари онҳо дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расидаанд, Қ. Шарифзода менависад: «Осори публитсистии устод Айнӣ дар ин солҳо аз мавзуъҳои тарғиби афзалияти



сохти нави шуравӣ дар қиёс бо даврони ҳукмронии амирони манғитӣ ва ҳаёти ақибмондаи мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ, даъват ба саводомӯзӣ ва бедории сокинони қаламрави Аморати Бухоро ва Туркистон, ба самти шинохти ҳувият ва худшиносии миллӣ майл пайдо кард». Садриддин Айнӣ дар матбуот фаъолияти густарда дошт ва мунтазам нигоштаҳояш дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба нашр мерасиданд. Бо таъсиси нашрияи «Иди тоҷик» устод Айнӣ ҳамкории зич ва судмандро ба роҳ монда, бештари осори публитсистии худро дар солҳои 1931-1954 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба чоп расондааст. Ба андешаи инҷониб, ҳамкории зичи устод бо рӯзномаи мазкур ба иқомат дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) ва ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардидани ӯ иртибот мегирад. Тавре худи устод Айнӣ дар асари «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» (1949) меорад, аз соли 1929 то соли 1938 аъзои Комиҷроияи Марказии Тоҷикистон буд,

соли 1939 депутати Совети шаҳри Сталинобод, соли 1947 депутати Совети Олии Тоҷикистон ва соли 1948 дувумбора депутати Совети шаҳри Сталинобод интихоб шудааст.

Метавон гуфт, ки манбаи илҳоми устоди Айнӣ дар офаридани асарҳои публитсистӣ дар хоҷагии халқи мамлакат шуруъ гардидани бунёдкориҳои зарбдор, ҷӯшу хуруш дар майдонҳои кишту кор, ташаббусҳои халқӣ дар ободкориву созандагӣ, ки ҳамагӣ ба руҳияи замони нав тавъаманд, маҳсуб меёбад. Дар ин маврид, профессор Масрур Абдуллозода менависад, ки «ҷанбаи публитсистии осори илмию адабии Садриддин Айнӣ, пеш аз ҳама, дар ҳадаф ва вазифаҳои иҷтимоии мушаххасу муайяни ӯ, ки дар тарбияи насли наврасу ҷавон ва тарғиби ҳувияти миллии тоҷикон ифода ёфтааст, ба назар мерасад. С. Айнӣ дар осори сершумори илмию адабии худ худшиносии миллӣ-таърихӣ ва миллӣ-фарҳангии тоҷиконро асоснок карда, ба ин васила ба ҳувияти тоҷик пуштибонии таърихию фарҳангӣ додааст». Дар мақолаи мазкур вижагиҳо, мавзую мундариҷа ва моҳияти навиштаҳои устод Айниро, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистон сурх» (ҳоло «Ҷумҳурият») рӯйи чоп омадаанд, мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор медиҳем. Публитсисттикаи устод Айнӣ аз нигоҳи мавзую муҳтаво гуногун буда, ба масъалаҳои муҳимми замон нигаронида шудааст. Мақолаи «Ғалабаи намоён» (21 октябри соли 1936), тавре аз номаш маълум аст, ба истиқболи нақшаи пахтасупориро иҷро кардани мардуми меҳнаткаши Тоҷикистон бахшида шудааст. Мувофиқи тақозои жанр муаллиф тадбирҳои дар ин самт андешидани мақомоти расмӣ, сабабҳои иҷро нагардидани нақша дар солҳои пешин, аз ҷумла, «пасмондагии шармоваронаро аз роҳбарияти маҳаллӣ кофта ёфтан даркор буд: ин сабаб ёфт шуд, роҳбарияти нав ба майдон омад»-ро қайд мекунад. Ҳамин тавр, «Тоҷикистон дар соли 1935 ба майдони ғалаба аввалин қадами худро ниҳод ва ҳеҷ фурсат нагузашта ба шарафи гирифтани мукофотҳои олии ғалабаи худ ҳам мушарраф шуд».

Муаллиф бевосита дар майдони кишту кор ба заҳмати деҳқонон шинос мешавад. Аз ин рӯ, дар мақола факту рақамҳо ва тасвири эпизодҳо воқеӣ буда, нигоштаро ҷолибу хонданӣ намудааст. Публитсист бардошт ва таассуроти худро аз ноҳияҳои Сталинобод, Кӯктош, Арал, Қӯрғонтеппа, Октябр ва Қабодиён дар моҳҳои апрел ва май чунин ба қалам медиҳад: «Рафти кишт, рафти каландкунӣ, рафти хишова ва ягонакуниро ба чашми худ дидам. Чунон ки офтоби сӯзони водии Вахш ба фаъолияти меҳнатии онҳо монеъ шуда наметавонад, инчунин, селгарди баҳории райони Сталинобод, Кӯктош ва Арал ҳам наметавонист, ки пеши роҳи онҳоро гирад» [5, с. 302].

Яке аз мавзуъҳои муҳимме, ки дар публитсистикаи устод Айнӣ ҷойгоҳи вижа дорад, масъалаи бунёдкориҳо дар Тоҷикистон мебошад. Муаллиф дар очеркҳои «Обёрӣ» (29 феврали соли 1940), «Канали Тӯқсанкориз» (15 майи соли 1940) ва «Канали Марғидар» (28-29 ноябри соли 1940) корномаи мардуми меҳнаткаш ва иродаи қавии онҳоро дар обёрӣ кардани даштҳои ташналаб боззтоб намудааст. Ба гунаи мисол, очерки «Обёрӣ» бо байти шоир, «Бо вуҷуди қурб маҳрумем аз базми висол, Наҳри бепарво канори хешро одоғ кард» оғоз мешавад, ки ҳадафу ғояи асосии асарро муайян мекунад. Муаллиф дар заминаҳои воқеаҳои таърихӣ ҳамин байтро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Аз ҷумла, сабабҳои аз байн рафтани шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳрро, ки бо вуҷуди дар соҳили наҳрро ҷойгир будан аз беобӣ харобу валангор ва беномунишон, яъне, «одоғ» шудаанд, таҳлил ва бозгӯйӣ мекунад. Дар ин кор «феодалҳо, ки ҳукмрони беамони он замонҳо буданд, ба ин аҳвол ва шароит ё чорае надида «тамошобин» шуда менишастанд, ё ин ки бо ҷангуҷӯши байни худ ба хароб шудани сарбандҳо сабаб шуда, вайрон ва нест шуда рафтани шаҳрҳо ва деҳаҳоро боз ҳам тезтар мекарданд».

Ҳангоми тасвири қаҳрамонон ва барҷаста нишон додани қаҳрамонии онҳо, нависанда дар муқоиса аз амирони охирини Бухоро ва хонҳои Фарғона ёдовар шуда, онҳоро мазамммату танқид мекунад. Дар идома муаллиф истисмор шудани мардуми меҳнаткашро аз ҷониби хонҳои охирини Фарғона ва колонизатарҳои императорӣ дар ҳашарҳои обёрӣ бо воқеаҳои таърихӣ шарҳу тавзеҳ мебахшад. Дар қисми дуюми асар муаллиф таваҷҷуҳи хонандаро ба сохтмони бузурги Вахш, Хоҷабоқирғон, обёрии канали Лағмон, канали Калони Фарғона, ки бо дастгириву маблағгузории ҳукумати шуравӣ, ёрии муҳандисон ва кормандони техникӣ ва ташаббусҳои халқӣ рӯйи кор омадаанд, равона мекунад. Усули қиёсӣ аз вижагиҳои осори публитсистии устод Айнӣ ба ҳисоб меравад. Аз мазмуну муҳтавои мақолаи «Обёрӣ» бармеояд, ки муаллиф бартарӣ ва афзалияҳои сохти навро нисбат ба давраи амирӣ нишон дода, тавассути шарҳу тавзеҳи воқеаҳои таърихӣ хонандаро ба бедории фикрӣ даъват мекунад. «Мардуми ғулом ва асири пештара мардуми қаҳрамони ташаббускор ва эҷодкори сохтмони сотсиалистӣ гардида, намоён шуданд... Яке аз ин ташаббусҳои халқӣ, ки асари худро дар соҳаи обёрӣ нишон дод, канали

Лағмон буд. Канали Лағмон дар баҳори соли 1939, дар рӯзаке чанд бо ташаббуси худи халқ канда шуд...» [6, с. 321].

Дар очерки «Канали Марғидар», ки аз ҳафт қисмат иборат аст, аз нигоҳи тасвир, тарзи баён ва банду басти намунаи беҳтарини очеркофарӣ дар солҳои 40-уми асри гузашта ба ҳисоб меравад. Бо тақозои жанр ва раванди нақли воқеот ҳар як қисмати он «Дар роҳи Марғидар», «Дар канори канали Марғидар», «Шаҳристон дар кӯҳистон», «Дар сари кори канал», «Фарзандони устод Рӯдакӣ», «Бодиёнӣ, то нахӯрӣ, надонӣ», «Плани ҳукуматӣ ва иҷрои план» номгузорӣ шуда, як асари мукаммалро ба вуҷуд овардааст, ки ҳунару маҳорат ва истеъдоди баланди нависанди тавоноро бозгӯ мекунад. Дар қисмати «Дар роҳи Марғидар» кӯҳҳои баланд, дарёи Зарафшон ва водиҳои ободони канори кӯҳҳо, ҳосили заҳмати деҳқононро моҳирона тасвир мекунад, аз ҷумла, «оби софи нуқрагуни дарё бо ҷараёни беқароронаи симобвори худ дили касро аз завқ ба ҳаяҷон меоварад; агар дурахшонии оби зулол, ки бо партави офтоби нимрӯзӣ шаъшаапошӣ мекард, чашмонатонро намебурд, шумо аз вай ҳеҷ гоҳ чашм намекандед».

Ба коргоҳ равона шудани одамон ва ҳолати зарби кор ба достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ муқоиса гардидааст, ки хеле табииву таъсирбахш баромадааст: «Баробари шунида шудани овози карнай одамон аз ошхонаҳо ва бошишгоҳҳои худ баромада ба як тараф – ба тарафи канал, ба коргоҳи худ рӯй оварданд...

Карнай хомӯш шуд, аммо ғулғулаи кӯҳканон баланд шуд; тараққо-туруққи метин ва шараққо-шуруққи зоғнӯл ба қуллаҳои кӯҳҳо расида, аз камарҳо акси садо медоданд. Ин ғулғула ҷанги афсонавии Рустаму Афросиёбро, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» тасвир кардааст, ба хотир меоварад».

Истифода аз ашъори классикони адабиёт низ бамавриду мувофиқи матлаб буда, ҳолати воқеии коргоҳ ва меҳнати фидокоронаи кӯҳканонро ҷолибу муассир ва хотирмон гардондааст: «Оре, мо кӯҳро бурида, ҷӯй кашиданро танҳо дар афсонаҳои Фарҳоди кӯҳкан шунидаем. Шоири бузург Низомӣ дар ин бора мегӯяд:

*Чунон аз ҳам дарид он марзу он бум,*
*Ки мешуд зери захмаш санг чун мум.*
*Ба теша рӯи хоро метарошид,*
*Чу бед аз санг маҷро метарошид.*
*Ба як моҳ аз миёни санги хоро,*
*Чу дарё кард ҷӯе ошкоро».*

Муаллиф корнамои қаҳрамонашро дар макони ҳарбу зарби меҳнат тасвир карда, онҳоро ҳамчун инсони меҳнатдӯст, ҳалолкору масъулиятшинос ва ҳамчун типпи инсони нав, ки аз панҷаи зулму ситами давраи амирӣ халос шудаанд, тасвир кардааст.

Дар саҳифаҳои матбуоти тоҷики нимаи дуюми солҳои 30-юм инъикоси васеи ватандӯстии шуравӣ мавқеи намоён дорад. Дар ин ҷабҳа рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» аз пешгомтарин нашрияҳо ба ҳисоб мерафт. Тавре муҳаққиқ М. Абдуллозода таъкид мекунад, дар он солҳо «ифтихори миллӣ-таърихӣ ва миллӣ-фарҳангии тоҷикон дар доираи ватандӯстии шуравӣ ифода ёфтааст». Дар робита ба ин, устод Айнӣ аз аввалин ва пешқадамтарин публитсистоне буд, ки ҷиҳати инъикоси масъалаи мазкур диққати махсус медод. Мавзую мудариҷаи мақолаи «Вазифаи шарафноки муқаддас» (1 майи соли 1937)-и устод Айнӣ ихтисос гирифтааст. ба масъалаи ватандӯстӣ ва даъвати ҷавонон барои хидмати содиқона дар сафи артиш нигаронида шудааст. Муаллиф усули қиёсро барои ифодаи таъсири фикр пеша карда, хонандаро ба таърихи аскарӣ дар Россияи подшоҳӣ ва давраи амирӣ ошно месозад ва афзалияту бартарӣ ва моҳияти хизмат дар артиши замони навро Армияи Сурхро таъкид мекунад. Бояд тазаккур дод, ки инъикоси мавзуи ватандӯстӣ бо печида гардидани муносибатҳои байналмилалӣ, авзои сиёсии ҷаҳон ва ба вуқуъ пайвастани ҷанги ҷаҳонӣ марбут буд, ки устод Айнӣ аз он огоҳӣ дошт ва менависад: «...дар шароити байналхалқии мо, ки атрофамонро капиталистони дунё, аз ин ҷумла, фашистони беномусу фитнагари баҳонаталаб печонда гирифтаанд, барои амалан ба вуҷуд овардани сулҳпарварӣ то дандону нохунамон дар мудофиа ҳозир буданамон лозим ва сухани пурҳикмати «агар сулҳ хоҳӣ, дар ҷанг тайёр бош»-ро ба амал оварданамон лозим аст» [8, с. 308].

Бо оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон дар публитсистикаи устод Айнӣ тағйирот ба вуҷуд меояд, яъне бо тақозои замон услуби ҳаҷв дар осори ӯ мавқеи намоён пайдо мекунад. Нахустин осори публитсистии ҳаҷвии устод Айнӣ дар ин солҳои вазнину тақдирсоз маҳз тавассути рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» пешниҳоди хонандагон гардидааст. Мақолаву асарҳои «Чингизи асри ХХ» (10 августи соли 1941), «Деви ҳафтсар» (24 августи соли 1941), «Талвосаи ҷонкании дарандаи захмдор» (2 августи соли 1942), «Ҳар зараррасонандаи ба одамро нест кардан даркор аст» (22

августи соли 1942), «Бадбӯй будааст» (2 декабри соли 1942), «Хари бедум» (28 майи соли 1943) бо вижагиҳои махсус навишта шуда, асоси онҳоро тамсил ташкил медиҳад, ки амалҳои разилонаву ваҳшиёнаи Гитлери фашист ва ҳаммаслакони ӯ танқиду мазаммат ва маҳкум карда мешаванд. Дар ин маврид муҳаққиқ Мурод Муродӣ қайд мекунад: «С. Айнӣ дар асарҳои ҳаҷвӣ-публитсистии дар замони ҷанг таълифнамудааш фикри сиёсиву иҷтимоии худро ба воситаи образҳои ҳайвонот изҳор намуда, барои пуртаъсир гардидани он бо мисолу далелҳои зиёд аз ривоятҳо, воқеияти таърихӣ ва афсонаҳои тамсилӣ истифода намудааст. Аз ин лиҳоз, ҳарчанд дар ин асарҳо мисолу далелҳои зиёд дида мешавад, аммо асоси онҳоро фикру андешаҳои муаллиф ташкил медиҳад» [9, с.126].

Баъди ҷанг низ мақолаҳои устод Айнӣ, аз ҷумла, «Конститутсия ба мо чӣ дод?» (1 январи соли 1946), «Интихобот ва ҷавонон» (11 феврали соли 1947), «Соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост» (9 майи соли 1947), «Интихоботи ба нур» (14 феврали соли 1950), «Мубориза барои сулҳ шиддатнок шуда истодааст» (15 октябри соли 1950), «Аз зулмот ба нур» (14 марти соли 1950), «Сулҳхоҳии халқҳои ҷаҳон» (11 октябри соли 1951), ва «Ҷашни таърихӣ» (14 апрели соли 1951) дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба чоп расидаанд. Аз унвони нигоштаҳо бармеояд, мавзуъ мундариҷаи онҳоро тарғибу васфи ҳаёти нав, танқиди зимомдорони давраи манғитӣ, баррасии масъалаҳои байналмилалӣ ва пойдории сулҳ ташкил медиҳад.

Осори публитсистии устод Айнӣ дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба як дарахти бузург шабоҳат дорад, ки аз шохаҳои хурду миёнаву бузург ва баргҳои сабзу хуррам иборат мебошад, ба ин маънӣ, ки таълифоти муаллиф дар жанрҳои хабар, хитоба, мақола, очерк ва фелетону памфлет вобаста ба руҳи воқеоти замони нав, дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ эҷод шудаанд. Адабиётшинос Камол Айнӣ таъкид мекунад, ки «дар ин роҳ ӯ, баробари офаридани асарҳои бузурги таърихӣ бавуҷудоварандаи публитсистикаи замонавии советии тоҷик ба ҳисоб меравад» [2, с. 7].

Ҳамин тавр, вобаста бо ҳаводису воқеоти замон устод Айнӣ бо фаъолияти публитсистӣ ва адабиву ҷамъиятӣ дар бунёду рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмати арзанда кардааст. Осори публитсистии устод Айнӣ маҳз тавассути рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» пешниҳоди хонандагони сершумор гардида, дар бедории фикрӣ, нест намудани урфу одатҳои куҳнаи феодалӣ, хурофоти динӣ, таваҷҷуҳ намудан ба мактабу маориф, шинохти ҳувият ва худшиносии миллӣ, баррасии масъалаҳои байналмилалӣ, ободкориву созандагӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши таърихиро иҷро кардааст. Дар замони истиқлол низ осори публитсистии устод Айнӣ аҳаммияти муҳимми омӯзишиву тарбиявӣ дошта, дар мавриди шинохти арзишҳои миллӣ, худшиносиву худогоҳии мардум, таҳкими истиқлолу ваҳдат ва сулҳу субот ҷойгоҳу мавқеи намоёнро доро мебошанд.

**Адабиёт:**


1. Абдуллаев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность. Монография / М. Абдуллаев. – Душанбе: 2014. – 309 с.

2. Айнӣ, К. Дар чигунагии дуҷилдаи осори баргузидаи устод С. Айнӣ // Осори баргузида дар ду ҷилд. / К. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 5 – 10 с.

3. Айнӣ, С. Муборизаи 15-солаи бошарофона // Осори баргузида дар ду ҷилд. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 323 с.

4. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам // Осори баргузида дар ду ҷилд. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 13 – 100 с .

5. Айнӣ, С. Ғалабаи намоён // Осори баргузида дар ду ҷилд. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 301 – 305 с.

6. Айнӣ, С. Обёрӣ // Осори баргузида дар ду ҷилд. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 317 – 323 с.

7. Айнӣ, С. Канали Марғидар // Осори баргузида дар ду ҷилд. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 329 – 346 с.

8. Айнӣ, С. Вазифаи шарафноки муқаддас // Осори баргузида дар ду ҷилд. / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.1. Акнун навбати қалам аст. – 305 – 308 с.

9. Муродов, М. Унсурҳои асотирӣ дар публитсистикаи ҳаҷвии С. Айнӣ // Аз се шохаи як илм. / Муродов М. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 126 – 132 с.

10. Шарифзода, Қ. Устод Айнӣ ва рӯзномаи «Овози тоҷик». Аз таъсиси ин рӯзнома 100 сол пур мешавад [манбаи электронӣ]. https://khovar.tj/2024/06/ustod-ajn-va-r-znomai-ovozi-to-ik-az-tasisi-in-r-znoma-100-sol-pur-meshavad / (санаи истифодабарӣ: 27.01.2025).

# НАВРӮЗ – ПАЙВАНДГАРИ ФАРҲАНГҲО ВА ЗАХИРАИ МИЛЛИИ САЙЁҲӢ



**Фазлиддин ҚОДИРЗОДА – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Институти сайёҳии ДБССТ**

**Индустрияи сайёҳӣ аз соҳаҳои пешрафтатарини иқтисодиёти ҷаҳон маҳсуб меёбад. Тавре нишондодҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ҳар 16-умин корманд дар миқёси ҷаҳон дар соҳаи сайёҳӣ кору фаъолият дорад, ки ин дар маҷмуъ зиёда аз 130 млн. нафарро ташкил медиҳад. Зиёда аз 10%-и маҷмуи маҳсулоти миллии ҷаҳон ба соҳаи сайёҳӣ рост меояд. Аз ин рӯ, солҳои охир дар миқёси ҷаҳон сайёҳӣ ба ҳайси омили танзими мақсадноки иқтисодиёт ва боло бурдани сатҳи сифати некуаҳволии мардум шинохта шудааст.**

Мақсади асосии Стратегии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон, ташаккули соҳаи ба рақобат тобовари сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошад. Ба ҳайси яке аз соҳаҳои пешбар ва афзалиятнок табдил додани соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, таъмини талаботи сокинони мамлакат ва сайёҳони хориҷӣ нисбат ба хизматрасониҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа буда, бо ин васила ба рушди иҷтимоӣ-иктисодии мамлакат бо афзоиши қисми даромад ба буҷаи давлат, афзоиши инвеститсия, афзоиши шумораи ҷойҳои нави корӣ, беҳдошти саломатии аҳолӣ, беҳдошт ва истифодаи мақсадноки мероси пурғановати таърихӣ-фарҳангӣ ва табиӣ ноил шудан мумкин аст. Амалияи фаъолияти сайёҳӣ гувоҳ бар он аст, ки вобаста ба рағбатҳои сайёҳон он шаклу намудҳои гуногуни зоҳиршавӣ дорад: саёҳати экологӣ, саёҳати саргузаштӣ, саёҳати динӣ, саёҳати табобатӣ – истироҳатӣ, илмӣ, корӣ, варзишӣ, маърифатӣ (фарҳангӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ) ва ғайраҳо. Таснифоти сайёҳӣ аз рӯйи мақсади сайру саёҳат якмаром набуда, он дар аксари ҳолатҳо дар омехтагӣ бо ҳам амалӣ мегардад. Зеро дар ҳар кадоме аз намудҳои сайру саёҳат бархӯрдорӣ аз зуҳуроти фарҳангии сокинони маҳалли сайру саёҳатро вомехӯрем.

Саёҳати фарҳангӣ ҳамчун шакли алоҳидаи фаъолият дар соҳа мақоми хоса касб кардааст.



Ин шакли саёҳат таваҷҷуҳи бештари сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, иқтидори васеи рушди минбаъдаро дорост. Зеро барои ҳар як сокини сайёра дарки воқеии таърихи рушди ҷомеаи инсонӣ, воқеияти ҳар як халқу миллат, зуҳуроти фарҳангии ифодакунанда ва таҷассумсозандаи тамаддуни инсонӣ аҷобат дорад ва инро табиати инсон тақозо менамояд. Аз ҷониби дигар, сайёҳӣ аз усулҳои маъмултарини ошноӣ бо фарҳанги ғайр ва таркиботи он мебошад. Яке аз мақсадҳои асосии сайёҳӣ ошно гардидан бо таъриху фарҳанги халқ дар тамоми шаклҳои зоҳиршавии он мебошад. Халқи тоҷик дорои анъанаҳои бойи бадеиест, ки онҳо дар тӯли таърих ҳамчун баёнгари воқеияти таърихию фарҳангии халқ хизмат карда истодаанд. Ҷашну маросимҳо, эҷодиёти мардумӣ, касбу ҳунарҳои миллӣ, мероси фолклорӣ гуногунранг, нотакрор ва нодир мебошанд. Халқи тоҷик тӯли таърих тавонист анъанаҳо, иду ҷашнҳо,

фолклор, касбу ҳунарҳои миллӣ, эҷодиёти мардумиро ҳифз намояд. Дар баробари ҳамаи ин, арзиши бебаҳо ва муҳимтарини Тоҷикистон лутфу меҳрубонӣ ва меҳмонпазироии мардуми он мебошад.

Тамоми зуҳуроти табиӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, динӣ ва амсоли инҳо ҳамчун захираи сайёҳӣ унвон мешаванд. Иду ҷашнвораҳо ҳамчун зуҳуроти таркибии фарҳанги мардум дар ин миён нақши ҳалкунанда доранд. Ид вазифаҳои мухталифи иҷтимоӣ, аз қабили ташаккули умумияти одамон, ҷаҳонбинӣ, рӯ овардан ба арзишҳои ахлоқӣ, афзалиятҳои эстетикӣ ва ғайраро дорад. Ба ибораи дигар, ид яке аз шаклҳои маъмултарини ҳифзкунӣ ва интиқолдиҳандаи таҷрибаи аҳаммияти иҷтимоидошта мебошад. Дар таърихи фарҳанги мардуми мо ҳеҷ як анъана ва расму ойине чун ҷашни Наврӯз азизу арҷманд нест. Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму ойин, арзишҳои эстетикӣ, меҳру садоқат ва анъаноти ниёгон мебошад. Ҷашни Наврӯз нишебу фарозҳои таърих, ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ ва маънавихои зиёдеро паси сар карда, то ба имрӯз омада расидааст.

Таърихи Наврӯз аз умқи қарнҳо сарчашма гирифта, дастоварди арзишмандтарини фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Роҷеъ ба таърихи пайдоишу баргузории ин ҷашни куҳанбунёд дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва бадеӣ маълумотҳои зиёд зикр гашта, донишмандони тоҷику эронӣ ва хориҷӣ дар асоси онҳо мақолоту рисолаҳои арзишманд таълиф намудаанд. Маълумотҳои мустақим ва пураҳаммиятро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Ал-махосин вал аздод»-и Кисравӣ ва чанде дигар метавон пайдо кард, ки ба иттифоқ Ҷамшеди пешдодиро бунёдгузори ҷашни Наврӯз хондаанд. Мардуми шарафманд ва фарҳангпарвари тоҷик ҷашни Наврӯзро ҳамчун мероси гаронмоя ва арзишмандтарини ниёгони хеш гиромӣ доштанд ва ҳамасола онро бо шаҳомати хоса таҷлил намуданд. Шаҳомати Наврӯзи бостонӣ дар баробари ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги мардуми эронитабор буданаш сокинони баъзе аз манотиқи сайёраро нагузошт, то онҳо аз таҷлили он дар канор бошанд. Ҳамин аст, ки қавму миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ, давлатҳои Кавқоз, Ҳинду Покистон, давлатҳои Араб дар миёни унсурҳои фарҳанги миллии хеш барои Наврӯз ҷойи намоёнеро муносиб донистанд.

Дар таърихи 18-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, тахти фасли 49, ки унвони «Фарҳанги ҷаҳон»-ро дорад, қарорномаи «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» ба тасвиб расид. Он бо пешниҳоди давлатҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия ва Туркманистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар қарорнома гуфта мешавад, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил мегардад. Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ хушбахтона, суннатҳои наврӯзӣ дубора эҳё шуда истодаанд. Сокинони мамлакат дар тамоми гӯшаву канор аз ҷашни Наврӯз бо хурсандӣ истиқбол мекунанд. Зеро, маҳз Иди Наврӯз симои воқеии тамаддунофарии халқи тоҷик, фарҳанги суннатӣ ва таърихи куҳани тоҷикон маҳсуб меёбад. Шухрати ҷаҳонии Наврӯз низ таърихи қадима дорад. Марселиус – бозаргони румӣ, ки дар даврони Сосониён ба Эрон сафар кардааст, шоҳиди ҷашни Наврӯз будааст. Ӯ дар сафарномаи худ менависад: «Дар аввалин рӯзи ҷашни Наврӯз духтарону занони пойтахт бо либосҳои абрешими обию сабз ва мардон бо ҷомаҳои навдӯхта дар саҳни кох ҷамъ шуда, ба пойкӯбӣ ва рақс мепардохтанд. Дар дохили толори салтанатии кохи Нигористони Кисрои Анӯшервон, ки шаш хазор метр масоҳат дорад, фарши заминаш сафед ва як қитъаи муайян ба ҷавоҳироти ҳафтранг бар кафи толор густурда шудааст. Ин фарш манзараи баҳору табиатро мемонад. Дарахтони ин фаршро бо зумуррад ва шукуфаи дарахтон бо забарҷад ва ақиқи сафед ва сурате ёқути сурх, муҷассамаи шутуре аз нукраи хом ва аспе аз тиллои ноб бо зин ва барги ҷавоҳир нишон бар зинати толори шоханшоҳӣ афзудааст.» Аз дидаву шунида ва бардоштҳои бозаргони румӣ Марселиус бармеояд, ки ҷашни Наврӯз ҳанӯз дар даврахои пешин шухрати ҷаҳонӣ касб карда будааст. Ойину суннатҳои хосаи наврӯзӣ аз қабили «Гулгардонӣ», «Ҷуфтбаророн», «Фолгирӣ», «Хонабуророн», «Ҷаҳоршанбесурӣ», «Обрезон» ва амсоли инҳо шаҳомату арзиши наврӯзи бостонро дучанд намуда, ҷилои тоза мебахшанд. Хосатан, ин ойину суннатҳо тамоми паҳлӯҳои ҳаёту зиндагии мардумони моро дар бар мегирад. Ҷамъи чорабиниҳои фароғатию фарҳангӣ ва варзишии марбут ба Наврӯз бо ифодаи воқеияти аслии фарҳанги миллӣ дар баробари чорабиниҳои мухталифи сатҳи ҷаҳонӣ, ки ҳамасола миллионҳо

сайёҳон ҷиҳати иштирок ба онҳо ташриф меоранд, метавонанд барои рушди сайёҳӣ дар мамлакат заминаи хубе бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола шумораи бениҳоят зиёди сайёҳон ҷиҳати иштирок дар идҳои миллии мамлакатҳои гуногун, аз қабили ҷашнвораи Патрикаи муқаддас дар Лондон (Британияи Кабир), ҷашнвораи фарҳангҳо дар Берлин (Олмон), шоу Romanza-ид дар болои ях, дар Вена (Австрия), Иди Лас Файяс дар Валенсия (Испания), Муҳорибаи афлесунҳо дар Иврея (Италия), Карнавал дар Рио де Жанейро (Бразилия), Фестивали гулҳо Panagbenga дар Багио (Филиппин) ташриф оварда, бо ин васила бо анъанаву фарҳанг ва одатҳои сокинони ин мамлакатҳо ошноӣ пайдо мекунанд ва дар як вақт ба ғанишавии буҷаи ин давлатҳо саҳм мегузоранд.

Бо дарназардошти ин нукта ширкатҳои сайёҳии ватаниро мебояд дар мавриди ташкили хатҳои сайри сайёҳии идона дар мавсими баргузории чорабиниҳои идона бахшида ба Наврӯзи байналмилалӣ тадбирҳои амалӣ андешанд. Барои рушд ва пешниҳоди Наврӯз ба унвони маҳсулоти миллии сайёҳӣ дар бозори сайёҳии ҷаҳон зарурати барномарезии ягонаи умумимиллии таҷлил аз Наврӯз дар тамоми гӯшаву канори мамлакат, тарғиби пайвастаи хизматрасониҳои фароғатию фарҳангӣ дар доираи баргузории Иди Наврӯзи байналмилалӣ, сайрҳои нақлиётӣ ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва табиӣ ва амсоли инҳо тавассути ВАО ва шабакаи ҷаҳонии Интернет дар шакли тоза ва нав ба миён омадааст. Зеро Наврӯз дар баробари дигар ҷашну маросимҳои миллии мардуми мо як навъ пули устувори робитаҳои фарҳангӣ ва ҳамкории миёни халқу миллатҳои на танҳо форсизабонон, балки халқу миллатҳои сайёра мебошад.

**Адабиёт:**


1. Аванесова Г.А. Культурно-досуговая деятельность: Теория и практика организации. М.: Аспект Пресс,2006.
2. Культурное наследие и развитие туризма: материалы конференции. Мадрид: ВТО, 2001.
3. Наврӯз ва расму оинҳои он [Захираи электронӣ]. URL:http://omuz-gor.my1.ru /publ/inshokho/insho/navruz_va_rasmu_ojinkhoi_tarkibi_on/31-1-0-227
4. Савчук В.В. Культурологическая функция туризма//Культурология: новые подходы. Альманах-ежегодник. Вып.11.- М.: Изд-во МГУКИ, 2004. С.166-188


**Наврӯзӣ**

*Эй дӯст, биё, боз ба Наврӯз расидем,*
*Нав қисса бипардоз, ба Наврӯз расидем.*

*Дар пардаи гул бод наво карда парешон,*
*Эй мурғи хушовоз, ба Наврӯз расидем.*

*Эй боғи гулафшон, бағали боз муборак,*
*Мо ҳам ба дили боз ба Наврӯз расидем…*

***Сайёд Ғаффор***

# ТАЪРИХИ ЭҲЁИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Хуршеда ҲОШИМОВА – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ**

***Наврӯз – таърихи зиндаву бедор, поядагиву ҷовидонагӣ, ному нанг, ифтихору шараф ва ҳувияту бақои миллати фарҳангиву тамаддунсози тоҷик аст.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Оғози Наврӯз ба баробар шудани шабу рӯз, бедор гардидани табиат баъд аз хоби гарони зимистонӣ, оғози кишту кори деҳқонӣ вобаста аст. Наврӯз, ки ҷашни деринасол ва анъанавии мардуми ориёӣ, аз ҷумла, тоҷикон аст, таърихи беш аз ҳафтҳазорсоларо дар бар мегирад. То кунун доир ба таърихи пайдоиш, ташаккул ва одобу русуми ҷашни Наврӯз дар рӯзномаву маҷаллаҳо маълумоти зиёде ба табъ расидааст. Дар бораи иди Наврӯз дар ойини зардуштӣ, аҳди Ҳахоманишиён, давраи Сосониён, ҳукмронии Сомониён, замони истилои арабҳо ва баъди он, дар давраи Ғазнавиён, Салчуқиён, Хоразмшоҳиён, Шайбониёну Аштархониён ва Манғитиён дар сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва публитсистӣ миқдори зиёди маълумот ба назар мерасанд. Инчунин, аҳли илму адаби тоҷик дар бораи таърихи пайдоиш, эътибори ҷашни Наврӯз дар давраҳои мухталифи таърихӣ корҳои зиёди тадқиқотиро анҷом додаанд; аз ҷумла, фолклоршинос, ходими илмии Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ Рӯзӣ Аҳмадов, ки беш аз 50 соли ҳаёти хешро ба омӯзиши Наврӯз ва анъанаҳои ҷашни Наврӯз дар гӯшаву канорҳои гуногун бахшидааст, оид ба Наврӯз як силсила мақола, маҷмуа ва таълифоти илмиеро анҷом додааст. чунончи, «Наврӯзи оламафрӯз», «Дастовези наврӯзӣ», «Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким», «Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё», «Ганҷи шоён», «Наврӯз дар Варорӯдон», «Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ» ва ғайра. Васфи Наврӯзу фасли баҳор дар ашъори бузургони гузашта, аз ҷумла, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Робиаи Балхӣ, Дақиқии Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Унсурии Балхӣ, Носири Хусрав, Фаррухии Систонӣ, Фирдавсии Тусӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Умари Хайём, Хоқонии Шервонӣ, Аттори Нишопурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Алишери Навоӣ, Соиби Табрезӣ, Абдулқодири Бедил ва амсоли инҳо бо тамоми рангу тобишҳояш ба назар мерасад. Зимнан, якчанд пора шеъри бузургони дар боло номбурдаро мисол меорем, ки Наврӯз, фасли баҳор, бедории табиатро васф намудаанд. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин мефармояд:



*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,*
*Бо сад ҳазор нузҳату оройиши аҷиб.*
*Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,*
*Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб.*

Унсурии Балхӣ:

*Боди наврӯзӣ ҳаме бутгар шавад,*
*То зи сунъаш ҳар дарахте лубъате дигар шавад.*
*Боғ ҳамчун кулбаи баззоз пурдебо шавад,*

*Роғ ҳамчун таблаи аттор пуранбар шавад…*

Фирдавсӣ:

*Бимон, то биёяд ҳама фарвадин,*
*Ки бифрӯзад андар ҷаҳон ҳури дин.*
*Замин чодари сабз дарпӯшадо,*
*Ҳаво бар гулон сахт бихрӯшадо…*

Умари Хайём:

*Чун абр ба Наврӯз рухи лола бишуст,*
*Бархезу ба ҷоми бода кун азм дуруст,*
*К-ин сабза, ки имрӯз тамошогаҳи мост,*
*Фардо ҳама аз хоки ту бархоҳад руст.*

Мавлавӣ:

*Баҳор омад, баҳор омад, баҳори хушизор омад,*
*Хушу сарсабз шуд олам, навои лолазор омад.*
*Зи савсан бишнав, эй райҳон, ки савсан сад забон дорад,*
*Ба дашти обу гил бингар, ки пурнақшу нигор омад.*

Саъдии Шерозӣ:

*Баромад боди субҳу бӯйи Наврӯз*
*Ба коми дӯстону бахти пирӯз.*
*Муборак бодат ин солу ҳама сол,*
*Ҳумоюн бодат ин рӯзу ҳама рӯз!*

Ҳофизи Шерозӣ:

*Май андар маҷлиси Осаф ба Наврӯзи ҷалолӣ нӯш,*
*Ки бахшад ҷуръаи ҷомат ҷаҳонро сози наврӯзӣ.*
*На Ҳофиз мекунад танҳо дуои Хоҷа Туроншоҳ,*
*Зи мадҳи осафе хоҳад ҷаҳон идию наврӯзӣ.*

Наврӯз аз рӯйи солшумории шамсӣ ба 1-уми фарвардин, тақвими қамарӣ якуми ҳамал (ба ҳисоби меладӣ 21-уми март) рост меояд. Бояд гуфт, ки Наврӯз ва таърихи ташаккули он ҳамчун ҷашни анъанаҳои ба он алоқаманд дар ҳар даврони таърихӣ ба ойини ин ё он давлати ҳукмрон вобаста аст. Дар давраи Шуравӣ ҷашни Наврӯз ва бисёре аз ойинҳои гузаштагони мо аз ҷониби макомоти давр ва гурӯҳи тангназар ба дину оин алоқаманд карда шуда, ҳамчун иди миллӣ расман эътироф намешуданд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои давраи шуравӣ, аз ҷумла, дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ», (№3, 1969) дар саҳифаи аввал танҳо «Наврӯз муборак бод!» омада буду дар ҳошия дар хусуси сайри лола ё фасли баҳор аз ашъори Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хайём, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон баъзе порчаҳо оварда шудаанд. Ё ин ки дар №3, 1970-и ҳамин маҷалла танҳо дар муқоваи он мисраъҳои «Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак! Овози андалебон дар бӯстон муборак!» омадааст, ки аз расидани фасли баҳор башорат медод. Ин чиз ба он далолат мекунад, ки Наврӯз дар замони Шуравӣ, ҳамчун ҷашни мардумӣ эътироф нашуда, мақоми он, хусусан, дар нимаҳои дувуми асри ХХ ниҳоят маҳдуд гардида буд. Вале касоне буданд, ки дар бораи Наврӯз далерона сухан меронданд ва Бӯринисо Бердиева аз ҷумлаи нахустин шахсиятҳое буд дар ин замина. Беш аз ду даҳсола Бӯринисо Бердиева сармуҳарририи рӯзномаи «Маориф ва маданият»-ро бар уҳда дошт. Дар бораи ин зани ростгӯ ва мубориз Карим Мӯсо дар китоби «Айём-ку бигзашт» (қисса ва очеркҳо) (2010) чунин нигоштааст: «Бердиева аз он фардҳои миллат аст, ки дар эҳёи Соли нави тоҷикон – Наврӯзи Аҷам саҳми босазое доранд. Он солҳо кормандони ҳизбию шуравӣ ва ҳатто, олимони зиёде, ки аз гузаштаи худ бехабар буданд, Наврӯзро иди динӣ меҳисобиданд ва мехостанд, ки онро аз ёди халқ бурда, ба ҷои Наврӯз «Иди баҳори меҳнат» ба вуҷуд оранд. Ва муҳаррирони рӯзномаҳо ҳам ҳамин, ки чашмашон ба калимаҳои Наврӯз, миллат, Авасто ва Зардушт меафтид, ҳатман хат мезаданд. Ҳамин тавр, бори аввал соли 1964 Бердиева як шумораи рӯзномаро пурра ба Наврӯз бахшид. Дар Кумитаи Марказӣ шӯре бархост». Метавон гуфт, ки ба шарофати ин бонуи сарвар ва рӯзномаи зери роҳбариаш дар давраи Шуравӣ дар Тоҷикистон ҷашни Наврӯз эҳё гардид. Шоири маҳбуб Бозор Собир ба ин зани шуҷоъ, нотарс ва ошкорбаён шеърҳо бахшида буд.» Бо вуҷуди ин, Наврӯз ҳар сол ҷашн гирифта мешуд. Соли 1965 ҳукумати Тоҷикистон муносибати худро нисбат ба зиёиён тағйир дода, мафҳуми нав – «Иди меҳнат»-ро фикр карда баровард, ки бояд аз киштуи кори баҳорӣ башорат медод ва он бояд ҷойи иди Наврӯзро мегирифт. Чунон ки Карим Мӯсо ба ин марҳала дар боло ишора кардааст, сарвари коммунистони Тоҷикистон Ҷаббор Расулов он солҳо гуфта буд, ки «Иди меҳнат» идест, ки ба он иҷозат дода метавонад  Наврӯз бошад, он танҳо бо ризояти Москва ҷашн ном гирифта метавонад. 21 марти соли 1966 шумораи махсуси рӯзномаи «Маориф ва маданият» аз чоп баромад, ки пурра ба Наврӯз бахшида шуда буд. Шоир Бозор Собир, ки

ҳамроҳи Бӯринисо Бардиева дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» кор мекард, гуфта буд, ки дар атрофи ин бону гурӯҳи тарафдоронаш гирд омада буданд ва танҳо ба туфайли шуҷоати апаи Бӯринисо ҳар он чи ки доир ба Наврӯз навишта мешуд, ба чоп мерасид. Инчунин, танҳо бо ташаббуси ин роҳбари нотарс дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» шахсиятҳои шинохтаи даврро, ки «бо кадом «гуноҳе» аз вазифа сабукдӯш мешуданд, ҳатман Бердиева ба кор мегирифт», аз ҷумла, Ҷумъа Одина, Ғаффор Мирзо, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим дар ин ҷо ҷамъ омада буданд. «Воқеан ҳам, – менависад Карим Мӯсо, – ӯ барои аҳли қалам як такягоҳе, як пушту паноҳе буд.»

Ҳамин тавр, Бӯринисо Бердиева ҳаҷмун қаҳрамони Наврӯз шинохта шуда буд, гарчи бо хизматҳои шоёнаш дар назди халқу ватан ба мукофоте шарафёб нашудааст. Мукофоти ягонаи Бӯринисо Бердиева чун ҷашни миллӣ эътироф гардидани Наврӯз буд. Дар охири солҳои 90-уми қарни XX ба шарофати замони бозсозӣ ва демократия котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов дар суханронии худ дар телевизиони ҷумҳурӣ 21 мартро Иди Наврӯз, рӯзи ҷашни ҳақиқӣ ва истироҳат эълон кард: «Имрӯз дар сарзамини бостонии мо иди баҳор, иди гулу лола, иди инсони заҳматкаш – иди Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Халқи мо аз қадимулайём нисбат ба ин ҷашн эҳтирому муҳаббати бепоён дорад. Мардуми тоҷик аз замонҳои қадим ин рӯзро ҳамчун ҷашни навсозӣ, оғози кишту кор таҷлил намуда, беҳтарин орзуҳои худро дар бораи хушбахтӣ, ояндаи нек, ҳамеша ба он вобаста медонистанд. Солҳои охир аз баракати айёми бозсозӣ ва демократӣ гардондани кулли соҳаҳои ҳаёти мо, афзудани худшиносии миллӣ на танҳо ҷашни Наврӯз, балки дигар ҷашну анъанаҳои деринаи мардуми мо аз нав зинда гардида, мазмуну сифати нав пайдо карданд. Бо назардошти хоҳишу дархости табақаҳои васеи аҳолӣ қарор шуд, ки имсол 21-уми март (1990) – рӯзи иди Наврӯз – рӯзи истироҳат, рӯзи ҷашни ҳақиқӣ эълон гардад» («Адабиёт ва санъат», №12 (541) 22 марти соли 1990, С.1-2).

Ниҳоят, 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлоли сиёсӣ ба даст овард, ки барои эҳёи расму русум, урфу одат ҷашну маросим ва анъанаҳои миллӣ шароити мусоид фароҳам омад. Акнун зарурати ба таври расмӣ ба танзим даровардани анъана ва ойинҳои гузаштагони миллати тоҷик ба миён омад. Ин аст, ки 3-юми ноябри соли 1995 пас аз таҳия ва баррасӣ шудан дар ҷаласаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ваколати қонунии худ, ба матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» имзо гузошт». Дар асоси банди якуми Қонуни мазкур 21-22-уми март дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рӯзҳои Ҷашни Наврӯз эътироф карда шуд. 29 апрели соли 2006 ба Қонуни мазкур тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он рӯзҳои 23 ва 24-уми март низ ҳамчун рӯзҳои Ҷашни Наврӯз муқаррар гардид. 23 феврали соли 2010 бо ташаббуси Сарвари Тоҷикистон ва чанд кишвари дигари ҷаҳон Иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид барои «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» барои эълон кардани рӯзи 21-уми март қарор қабул кард ва бо ҳамин Наврӯзи тоҷикон ва қавмҳои ориёии олам мақоми байналмилалӣ пайдо намуд. Инчунин 21-уми июли соли 2010 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 3-юми ноябри соли 1995 тағйирот ворид карда шуда, ба ҷойиибораи «Ҷашни Наврӯз» «Иди байналмилалии Наврӯз» навишта шуд ва бо ҳамин Қонуни мазкур ба қарори Маҷмаи Умумии СММ мутобиқ гардид. Ҳамзамон, бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар «Нишони Наврӯз» таъсис гардида, ҳамчун рамз тасдиқ карда шуд. Ин аст, ки имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол «Иди байналмилалии Наврӯз» дар баробари дигар идҳои ҷаҳонӣ, яке аз бузургтарин идҳои миллӣ эътироф гардида, ки мардуми тоҷик онро бо риояти расму ойини анъанавӣ ҷашн мегиранд. Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар, ки 21-уми марти соли 2014 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, барҳақ гуфта шуд, ки «Наврӯз ҷашни баробарии инсоният, ойини дӯстиву самимият, таҳаммулпазирӣ ва аз дилҳо берун андохтани кинаву адоват мебошад» («Ҷумҳурият», 21 марти соли 2014, №55-56 (22360-361) С.1).

Соли 2017 март дар кишвар Ҳамоиши байналмилалии адибони форсигӯи ҳавзаи Наврӯз барпо гардид, ки вобаста ба он Ситоди Иттифоқи нависандагон барои баргузор намудани ин ҳамоиш ташкил ёфт. Маҳфили шеъру таронаҳои шоирони шинохтаи тоҷик ба назар гирифта шуда, ба ҷашни Наврӯз руҳу равони тоза ва шаҳомату шукӯҳ мебахшад. Бо такя ба ғамхориҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми тоҷик имрӯз анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла, иди Наврӯзро тантанавор ҷашн мегирад. Акнун Наврӯз на танҳо мақоми давлатӣ, балки ҷаҳониро соҳиб шудааст. Гузашта аз ин, имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол «Иди байналмилалии Наврӯз» дар баробари дигар идҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ҳамчун яке аз бузургтарин идҳои миллӣ эътироф гардида, тоҷиконро ҳамчун мардуми куҳанбунёд ва фарҳангофарин ба аҳли сайёра муаррифӣ мекунад.

# НАҚШИ ПИРЯХҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ



**Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА – директори Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории ДБССТ, доктори илмҳои иқтисод, профессор**

**Инсон ҳамчун ҷузъи табиат ва иқтисод «қонуниятҳои рафтор»-ро, ки аз ҷониби худи ӯ барои беҳтар гардонидани фаъолияти хеш дар табиат равона шудаанд, муайян менамояд. Иқтисод ва табиат дар мураккабӣ ва бисёрзинагӣ ба ҳам монananд, вале табиат нисбат ба иқтисод афзалияти мутлақ дорад, чунки маҳсул бе захираҳои табиӣ, ки манбаи истеҳсолотанд, вуҷуд дошта наметавонад.**

Аз пайдоиши бухронҳои иқтисодӣ дар тамоми шаклҳояш маълум аст, ки онҳо дар натиҷаи ғайрисамаранок фаъолият намудани ҷузъе аз системаи бузурги ҷаҳонӣ (системаи иқтисодӣ) ба вуҷуд меоянд ва омилиислоҳи он мебошанд. Бухронҳои экологӣ, ки дар натиҷаи «Қонуниятҳои рафтор» ба фаъолияти инсон хатар доранд, низ нишоне барои ислоҳи ҷузъҳои он мебошанд, ҷузъҳое, ки худи инсон онро аз амали мунтазам боздоштааст.

Яке аз ин ҷузъҳои ислоҳпазир, барқароршавии табиии пиряхҳо мебошад. Маҳз пиряхҳо дар худ оби нӯшокиро нигоҳ медоранд ва яке аз захираҳои муҳимми таъмини некуаҳволии инсон мебошанд. Вале мушкилии дар боло зикршуда ояндаи инсонро зери суол мегузорад. Мувофиқи маълумотҳо, суръати обшавии пиряхҳо аз соли 1990 то инҷониб ба 57% афзудааст, ки ин хатари нест шудани 2/3 тамоми пиряхҳо то соли 2100 мегардад. Одатан ҳангоми босуръат об шудани пиряхҳо бештар кишварҳое ба мисли Ҳимолой, Ҳиндукуш, Ҳисору Олой, Бадахшон, Анд, Тиён-Шон, мавриди назар ҳастанд. Аммо ин мушкилии танҳо кишварҳои ҷаҳон нест, чунки ҳамин системаҳои кӯҳӣ дорои пиряхҳо ва манбаи пайдоиши дарёҳо ҳастанд. 20 соли охир дар натиҷаи



гармшавии иқлим суръати обшавии пиряхҳо зиёд гашта, бо ҳадафи пешгирӣ аз он дар мамлакат «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» қабул шудааст, ки мувофиқи ин барнома, Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №162 ва қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2018, №52 таъсис дода шудааст. Марказ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шарикони рушди устувор ва дигар созмону сохторҳои хориҷӣ дар чунин бахшҳо анҷом медиҳад:

- ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмӣ-бунёдӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо, криосфера ва гидрометеорология дар шароити тағйирёбии иқлим; таҳияи системаи барӯйхатгирии пиряхҳои Тоҷикистон мутобиқи феҳристи пиряхҳо дар асоси технологияи геоинформатсионии муосир;

- омӯзиш ва ташкили таҳқиқоти бунёдии илмӣ дар бахши тағйирёбии иқлим ва омилҳои он; мониторинги экспедитсионии пиряххои репрезентативӣ ва ҳаракаткунанда;

- мониторинг оид ба кам кардани хисорот аз кандашавии пиряхҳо ва ҳавзҳои яхин; такмили низоми мониторинги моҳворагӣ ва арзёбии қабати барфу пиряхҳо ва ҳавзҳои яхини хавфнок;

- ташкили шабакаи яхшиносии назоратӣ;

- пурра ба роҳ мондани назорати криосфера ва қабати барф;

- ташкили қабул ва таҳлили иттилооти моҳворагӣ барои баланд бардоштани саҳеҳӣ ва ба роҳ мондани таҳқиқоти бунёдии ҳолати криосфера, захираҳои барф ва назорати ҷараёни шаклгирии захираҳои обӣ, пиряхҳо ва гидрометеорология;

- татбиқи усулҳои муосири инноватсионӣ дар бахши мониторинги пиряхҳо, криосфера ва гидрометеорология;

- баланд бардоштани дараҷаи тахассусии кормандон ва тайёр намудани кадрҳо;

- иҷрои лоиҳаҳо, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва истеҳсолӣ, аз ҷумла, бо созмоишҳои хориҷӣ дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба.

Барои амалигардонии барномаи мазкур зиёда аз 25 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Инчунин, лоиҳаи омӯзиши пиряхҳо таҳия гардидааст, ки Бонки Осиёии Рушд ҷиҳати амалигардонии он дар ҳаҷми 10 миллион доллари ИМА маблағ ҷудо кардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳалли мушкилоти глобалии тағйирёбии иқлим дар суханрониҳои худ ёдовар гашта, дар яке аз онҳо теъдоди пиряхҳои мамлакатро 13 ҳазор қайд намудаанд. Сарвари давлат зимни суханрониашон дар конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи тағйири иқлим қайд кардаанд, ки «Танҳо тобистони соли ҷорӣ бар асари офатҳои табиии вобаста ба об ба аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат ба садҳо миллион доллари амрикоӣ зарари моддӣ расидааст. Мутаассифона, ин ҳодисаҳо боиси талафоти зиёди ҷонӣ низ гардиданд». Шумораи зарардидагони офатҳои табиӣ ҳар сол то 500 ҳазор нафарро дар кишварамон ташкил медиҳад. Дар блоги директори минтақавии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба Осиёи Марказӣ Лилия Бурунчук гуфта мешавад, ки талафоти солонаи иқтисодии Тоҷикистон дар натиҷаи обхезӣ ва заминҷунбӣ 400 миллион долларро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамасола дар натиҷаи офатҳои табиӣ 10 миллиард долларро аз даст медиҳанд. Яъне, обшавии босуръати пиряхҳо ба дигар ҳодисаҳои табиӣ оварда мерасонананд.

Аз таҳқиқотҳои илмӣ бармеояд, ки аз шумораи болозикри пиряхҳои Тоҷикистон, ки барои тамоми минтақа аҳаммияти ҳаётӣ доранд, давоми 30 соли охир беш аз 1000 пирях нобуд шудааст Аз шумораи боқимонда зиёда аз 8 ҳазор пирях мавҷуд аст, ки тақрибан 8%-и масоҳати умумии кишварро ишғол мекунад. Ин пиряхҳо дар таркиби худ тақрибан 550 метри мукааб оби ошомиданӣ дошта, тақрибан нисфи дарёҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Яъне, обшавии пиряхҳои кишвар ба ин маъност, ки хушксолӣ ва норасоии оби ошомиданӣ дарояндаи наздик мушкилии рақами яки башар мегардад. Ба андешаи директори Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдулҳамид Қаюмов, «таҳқиқоти як пирях аз 4 то 5 солро дар бар мегирад».

Яке аз роҳҳои пешгирии обшавии босуръати пиряхҳо, бунёди обанборҳо мебошад ки ба поин рафтани ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон ва мутаносибан ба ҳифзи пиряхҳо мусоидат хоҳад кард. Ин нуктаро муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон Зарафо Қиёмзода дар посух ба суоли вакили парлумони кишвар Абдуҳалим Ғаффорзода дар мавриди тадбирҳои ҳифзи пиряхҳо баён доштааст. Ба гуфтаи Қиёмзода, пеши роҳи тағйирёбии иқлимро гирифтан хеле мушкил аст.

Танҳо бо шинонидани дарахтон ва сохтани обанборҳо, хусусан, НБО «Роғун», ки боиси паст шудани ҳарорат мегардад, метавонем, саҳмгузор бошем. Институти байналмилалии иқтисод ва ҷаҳон дар гузориши солонаи худ «Дар бораи таҳдиди экологӣ» 27 кишварро ба таври махсус қайд кард, ки минтақаҳои номусоид аз ҷиҳати хатарҳои экологӣ ва иқлимӣ ба шумор меравbooked ва дар ин рӯйхат Тоҷикистон низ дохил мешавад. 15-уми декабри соли 2023 таҳти ҳамраисии

намояндагиҳои доимии Тоҷикистону Аргентина дар СММ нишасти нахустини Гурӯҳи «Дӯстони пиряххо» дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид ташкил ва баргузор гардид.

Гурӯҳи мазкур бо ибтикори Тоҷикистону Аргентина бо мақсади татбиқи ваколатҳои қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, ки бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтааст, таъсис дода шудааст. Намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ дар рафти чорабинии мазкур аҳаммияти мавзуи ҳифзи пиряххо ва таъсисёбии Гурӯҳи мазкурро таъкид намуда, татбиқи саривақтии қатъномаи зикргардидаро барои ҳалли мушкилиҳои марбут ба обшавии пиряххо ва баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо (с.2025 дар Тоҷикистон) муҳим арзёбӣ кард. Бо ибтикори Пешвои муаззами миллат ва нуфузи эшон дар саҳнаи байналхалқии сиёсат, 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми моро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ намуд. Тибқи ин қатънома, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон карда шуд. Инчунин, аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол, 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо таҷлил карда мешавад. Аз ҷиҳати молиявӣ бошад, мутобиқи Қатънома, Созмони Милали Муттаҳид таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди трастии мақсаднок, яъне, Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряххо таъсис медиҳад.

*Чу пайи пор шуд чунон сӯзе,*
*Шабу рӯзаш чу иди Наврӯз аст.*

*Дили Аттор чун гули Наврӯз*
*Тозагӣ медиҳад зи шабнами ишқ.*

*Ту Наврӯзи бутони ҷонфизоӣ,*
*Бирав, идӣ бикун бе рустоӣ.*

*Майе дардеҳ, ки фардо ҳаст Наврӯз,*
*Бибояд сохтан ҷашне дилафрӯз.*

*Шабе хуштар зи Наврӯзи ҷавонӣ,*
*Майе софӣ чу оби зиндагонӣ.*

*Чу об аз боди наврӯзӣ гираҳ ёфт,*
*Зи рӯйи об нилуфар зираҳ ёфт.*

***Аттори Нишопурӣ***

Саидмаҳмуд САИДҲОМИДОВ – муаллими калони ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода

# ШЕЪРЕ ДАР ВАСФИ ПЕШВО

**Аз рӯзҳои нахустини дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданашон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми ҳастии худро чун як шахсияти сарсупурдаи Ватан дар роҳи рушду ободӣ, бунёдкориву созандагӣ ва пешравии тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвари азиз бахшида, ба қимати ҷон кишвари порагаштаистодаи тоҷиконро эҳё ва ба гулистони ҳақиқӣ табдил доданд.**

Дар китоби ба тозагӣ навиштаам, ки «Савганд» ном дошта, ба корномаҳои Пешвои муаззами миллат бахшида шудааст, аз ҷумла, меҳру муҳаббати самимии худро нисбат ба фарзонафарзанди содиқи ватан чунин баён намудаам: «...Абармарде, ки ба дарди Ватани порагаштаи худ марҳам гардида, давлату миллати худро аз парокандагию нобудӣ раҳонида, сафинаи бахти мардуми диёрашро ба сӯйи бахту саодат равона намуда, сулҳу салоҳ, оромӣ ва осудагиву суботи халқи азизашро таъмин кардааст. Ин шахсияти бузург – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки донишу таҷрибаи худро дар роҳи ободии халқу диёри хеш сарф намуда, бо заҳматҳои пайвастаи шабонарӯзӣ ба комёбиҳои беназир ноил гаштааст. Ӯ фарзанди вафодору содиқ ва сарсупурдаи ватанест, ки ном варо Тоҷикистон аст. Ин марди шариф бо ташаббусҳои пайгирона забон, фарҳангу ҳунар ва илму адаби тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, Парчами давлати соҳибихтиёри тоҷиконро дар ақсои олам баланд бардошта, аз минбарҳои бонуфузи олам бо забони ноби тоҷикӣ сухан гуфтааст. Ин гуна шахсият лоиқи ҳама гуна васфу ситоиш аст, зеро ба «Савганд»-и худ содиқ монда, Ватанро бо сиёсати башардӯстонааш ба гулистони биҳиштосо табдил додааст...»

Тавре медонем, чанде қабл дар кишвари Қатар конфронси байналмилалӣ баргузор шуда буд, ки Пешвои миллат дар он иштирок ва суханронӣ карданд. Ман ин суханрониро тавассути телевизион чандин маротиба тамошо кардам. Лаҳзаҳои хурсандибахш барои ман он буданд, ки дар ин конфронс Президенти кишварамон бо забони тоҷикӣ сухан мегуфтанд. Мавриди зикри хос аст, ки дар аксар конфронсу нишастҳои байналмилалӣ Сарвари давлат бо забони ноби тоҷикӣ сухан мегӯянд. Ин эҳтироми як шахсияти бузурги миллат нисбат ба забони модарӣ аст, ки аз минбарҳои баланди дунё халқи сулҳофару тамаддунсози тоҷик ва Тоҷикистони соҳибистиқлолро муаррифӣ мекунад. Амали мазкур шаҳодати дӯстдории Ватану миллати худ аст, ки аз забони як сиёсатмадори тоҷик ба самъи ҳамагон мерасад. Он даъват аст, ки ҳар соҳибватан бояд забони ноби модарии худро дӯст дорад, забони давлатии Ватани худро донад, эҳтирому ҳифз намояд. Зеро ба ақидаи Пешвои миллат, забон худ муаррифгари миллат аст.



Расо панҷ сол пеш шеъре эҷод карда будам, ки он «Эй Пешвои миллатам» ном дошт. Ин шеър бароям хеле азиз буда, дастнависи онро ҳамеша рӯйи мизи кориам нигоҳ медорам. Чанд моҳ қабл, шуруъ кардам ба навиштани оҳанги он ва хушбахтона, бо кумаки дӯстону ҳамкоронам он сайқал ёфт ва пурра барои сурудан омода гардид. Ба қарибӣ матни асарро ба сарвари донишкада пешниҳод кардам. Он кас сатрҳои

навиштаамро чандин бо гаштаю баргашта хондаву таҳрир карда, маслиҳат дод, ки шеърро боз ҳам сайқалу такмил дода, ба Синои Абуалӣ – ғолиби озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки ҳунари баланди суханварӣ дорад, нишон диҳам. Рӯзи дигар Синои Абуалиро дида, хоҳиши ректори донишкада – Муҳриддин Низомиро ба ӯ расондам. Шоири ҷавон низ шеърро таҳрир намуд ва ҳарду ба утоқи кории ректор даромадем.

Ректор аз ман суол кард:

– Хуб, Саидмаҳмуд, матн омода шуд ё на?

– Бале, устод, - гӯён матни шеърро ба он кас дароз кардам.

Ректор матнро хонда, хеле хурсанд шуд ва хушнудона:

– Ана акнун месазад, ки онро ба аҳли донишкада пешниҳод намоед, - гуфт ва дар омади сухан суол дод:

– Кадом сатрҳои шеър ба вазифаи нақарот меоянд?

Ҳамоно ҷавоб гуфтам:

**– Эй Пешво, эй Пешво,**

**Эй Пешвои миллатам!**

Ин сатрҳо ду бор такрор мешаванд.

Синои Абуалӣ: – Агар сатри дувуми нақарот ба шакли «Эй Пешвои халқи мо» садо диҳад, сатри аввал ва дувум ҳамқофия мешаванд.

– Шумо чӣ фикр доред, Саидмаҳмуд? - ба ман нигариста, боз суол кард сарвари донишкада.

– Устод, агар мақбули шумо шуда бошад, онро дар ҳамин шакл хоҳем сароид. Бо Сино мувофиқам, - гуфтам ман дар ҷавоб.

– Пас, аз пайи кор шавед, - қаноатмандона гуфт ректор.

Бо руҳияи баланд ба ҳуҷраи кориам баргаштам. Зуд матнро ислоҳ кардаму ба Мадина Иброҳимова, ки консертмейстери синфи хори таълимӣ буда, дар нотанависӣ хеле моҳир аст, паёмак фиристодам:

– Мадина, куҷоӣ? Матн каме тағйир ёфтааст. Онро дар партитураи хорӣ ислоҳ кардан лозим, то ки имшаб онро омода ва чоп карда, фардо барои омӯзиши донишҷӯён пешниҳод кунам.

... Якҷо бо Мадина матни шеърро дар ноутбукам ислоҳ кардем ва баъзе таҳриротеро, ки хормейстери хори таълимӣ, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон – Пайрав Холов ба партияи сопрано ва тенорҳои асар ворид карда буд, низ ба эътибор гирифтем.

Ҳамин тариқ, асар омода шуд ва шаб онро дар хона чоп карда, рӯзи дигар ба донишкада овардам. Як нусхаи онро ба Пайрав додаму гуфтам, ки ба бандҳои дуюму сеюми матни асар баъзе тағйирот ворид шудааст.

– Оё метавонем, ки онро то Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намоем? Вақтамон хеле кам аст, - гуфтам ба ӯ.

Пайрав ҳам бо табассуми зебое, ки хоси ӯст, изҳор кард:

– Устод, ташвиш накашед, аъзои хори таълимии донишкада матнҳои аз ин ҳам вазнинтарро дар муддати кӯтоҳ азхуд кардаанд. Бовар дорам, ки матни шеъреро, ки ба Пешвои миллати тоҷик бахшида шудааст ва дар Рӯзи Президент сароида мешавад.

Худи ҳамон рӯз бо иҷозати Раёсати таълими донишкада ва декани факултаи мусиқӣ-омӯзгорӣ, аъзои хори таълимиро ба ҳам овардем ва хушбахтона, онҳо матнро дар муддати каме бештар аз ду соат азхуд намуданд. Зеро оҳанг ба донишҷӯён шинос буду матни бандҳои аввал ва охири асар бе тағйир сароида мешуданд.

12 ноябри соли 2024 ба қавли мутахассисон, бояд «прогон»-и консерт баргузор мешуд. Пеш аз «прогон» роҳбари бадеии ансамблҳои донишкада, муаллими калони кафедраи сарояндагӣ (халқӣ) – Шодмон Муҳиддинов, ки роҳбари бадеии консерт буд, хоҳиш намуд, ки асари навиштаамро як бор шунавонем.

Донишҷӯёнро ба саҳна даъват кардем ва онҳо асарро як бор сароиданд. Овози партияҳои баси дуюм ва алти дуюм базӯр шунида мешуд. Сабаб пурсидем. Донишҷӯён изҳор намуданд, ки дар синфи хор тартиби истоданашон дигар буду ҳоло, ки ҳамаро аз рӯйи қад ҷо ба ҷо карданд, тартиб дигар шудааст. Партияҳо ҳама пароканда истодаанд.

Зарур донистем, ки аъзои хорро на аз рӯйи қад, балки вобаста ба партияҳои хорӣ аз нав ҷобаҷо кунем.

Ин маротиба садодиҳии хор хубтар ба гӯш мерасид.

Пас аз шунидани асар Шодмон Муҳиддинов ба ман пешниҳод намуд:

– Устод, агар дар бандҳои дуюм ва сеюм дар ҷойи кашиш ёфтани овозҳои тенор ва басҳо овози пасту ғафси духтарон, яъне, «партияи алт» шуруъ аз нотае, ки дигарон онро бо нотаи пурра дароз кашида меистанд, ба самти поён сезинаӣ (ми-ре-до, ре-до-си, до-си-ля) бо садоноки (о – о – о) вокализ сароянд, асаратон боз ҳам беҳтар садо медиҳад.

Ба ӯ гуфтам: – Ку, сароянд, шунавем.

Вақте ки асар бо ин навигарии вориднамудаи Шодмон садо дод, дар ҳақиқат, боз ҳам шевотар ба гӯш мерасид. Аз ин рӯ, ин таклифи Шодмонро пазируфтам ва хоҳиш кардам, ки аъзои хор асарро бори дигар сароянд. Ин дафъа низ садодиҳии хор беҳтар ба гӯшам расид. Ҳамин тариқ, бо кумаки дӯстону ҳамкасбон асар барои шунавонидан пурра омода гардид.

Маврид ба ёдоварист, ки асари вокалӣ-хории «Эй Пешвои халқи мо» 14-уми ноябри соли 2024 дар консерти бошукӯҳу тантанавии донишкада садо дод, ки зумрае аз корномаҳои таърихан муҳимми Қаҳрамони халқи тоҷик, Пешвои муаззами миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳру муҳаббати бепоёни миллати тоҷикро нисбат ба ин чеҳраи бузурги кишвар таҷасссум менамояд:

*Эй Сарвари олимақом,*
*Дар фикри халқӣ субҳу шом,*
*Ҳарфе шунав аз хосу ом:*
*Умри ту бодо бардавом!*

*Эй Пешво, Эй Пешво,*
*Эй Пешвои халқи мо.*

*Дорандаи қудрат туӣ,*
*Ҳам раҳбари давлат туӣ.*
*Фарзонаи миллат туӣ,*
*Барҳамзани иллат туӣ:*

*Эй Пешво, Эй Пешво,*
*Эй Пешвои халқи мо.*

*Нақбу раҳи нав дар камар,*
*НОБ-у дабистон бешумар*
*Маҳсули корат, номвар,*
*Бонангу орӣ, хушгуҳар.*

*Эй Пешво, Эй Пешво,*
*Эй Пешвои халқи мо.*

*Марди қавӣ, сулҳофарӣ,*
*Илму маорифпарварӣ,*
*Шаъну шукӯҳи кишварӣ,*
*Арзандаӣ, тоҷи сарӣ:*

*Эй Пешво, Эй Пешво,*
*Эй Пешвои халқи мо.*
*Эй Пешвои халқи мо!*



# МАОРИФ ВА ТАТБИҚИ РАВАНДИ ТЕХНОЛОГӢ-ИННОВАТСИОНӢ

**Ғарибшо ҚИМАТШОЕВ – номзади илмҳои фалсафа**

**Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 масъалаҳои муҳимми сиёсати дохиливу хориҷӣ ва пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таҳлил шуда, бо амалӣ намудани барномаҳои нав ва идомаи ислоҳот роҳҳои минбаъдаи рушди давлат муайян гардиданд.**

Дар марҳалаи нави инкишоф ҷиҳати таҳкими иқтисодиёт ва боло бурдани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ нақшаҳои нави пешрафт амалӣ мешаванд. «Таъмини зиндагии шоистаи мардум – ин ҳадафи олии сиёсати давлат» буда, танҳо бо иҷрои босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида ва татбиқи лоиҳаву барномаҳои ҷадид имконпазир мегардад. Аз ҷумла, бо дастурот аз Паём ҷиҳати рушди сармояи инсонӣ, воридсозӣ ва истифода аз технологияи муосир, тақвият бахшидани иқтидорҳои истеҳсолӣ, барориши молу маҳсулоти рақобатпазир, пайванд додани илм бо истеҳсолот ва иқтисоди бо ихтироъкориву навоварӣ асосёфта, лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030» таҳия ва ба Ҳукумат пешниҳод карда мешавад.

Ҳадафҳои зикршуда иҷрои вазифаҳои стратегии зеринро талаб мекунанд: *пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ; ташаккули «иқтисоди сабз»; ҳарчи тезтар ба ҳаёт ворид намудани технологияҳои муосири рақамӣ; таъсиси марказҳои коркарди маълумот ва махзани миллии он; таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот; рақамикунонии хизматрасониҳо ва тавсеаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ; идоракунии босамари истеҳсолоти мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои боиқтидор бо ҷойҳои нави корӣ; тақвияти иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатпазир гардондани маҳсулоти ватанӣ; тавсеаи низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷавӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ; таъмин намудани шаффофият дар намудҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва пешгирӣ аз коррупсия; таъмини рушди иқтисоди кишвар бо зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ва фоизҳои паст; бештар намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва афзун намудани пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ; таъсис додани филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ, бахусус, дар ноҳияҳои дурдасти мамлакат; баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон.*

Дар Паём самтҳои минбаъдаи пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа бо амалӣ намудани



барномаҳои нав, вусъатбахшии равандҳои инноватсионӣ, бахусус, роҳҳои ворид намудани имкониятҳои технологии рақамӣ муайян шуда, солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» номида шуданд. Дар Тоҷикистон рақамикунонӣ ва истифода аз зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа равандҳои идоракуниву истеҳсолӣ бо истифода аз технологияи муосир ба роҳ монда шуда, пешрафту рушди устувор таъмин гардад.

Ҷиҳати ба ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии мамлакат фаъолтар расидан, дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти гуногуннавъи саноатӣ бо коркарди ашёи хом ва зиёд намудани ҳаҷми содироти молу маҳсулоти ватанӣ тадбирҳои фаврӣ андешида мешаванд. Дар робита бо ин, лоиҳаи «Барномаи рушди соҳаи энергетикаи барқӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии

ин соҳа, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» дар таҳрири нав таҳия ва давоми сол ба Ҳукумат пешниҳод карда мешаванд.

Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар мебошад. Татбиқи сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сари вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир бунёду азнавсозӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳои дорои аҳаммияти ватаниву байналмилалӣ, бунёди долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо, имконоти азхудкуниву баҳрабардорӣ аз захираҳои табиӣ, кӯҳнавардӣ, табобативу истироҳатӣ ва таърихиву фарҳангиро афзун намуда, заминаи рушди соҳаи сайёҳӣ устувор мегардад.

Воридсозии навгониҳои технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба таҳияву амалигардонии барномаҳои ҷадид асос гардида, истифодаи захираҳои обу замин, бойигариҳои зеризаминӣ ва олами набототу рустаниро самарабахш ва амнияти озуқавориро устувор намуда, барои рушд ва афзоиш додани содироти маҳсулоти саноати сабук ва ташкили ҷойҳои нави корӣ заминаи муҳим мегардад.

Ба вуҷуд овардани шароитҳо барои ҷалби сармояи беруна ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ боис мешавад, дар давоми сол *«аз ҳама намуди санҷишҳо (бидуни санҷишҳои мақомоти андоз)»* озод мегардад. Дар робита бо ин, талаби таҳия ва пешниҳоди «Стратегияи ҷалби сармоя барои давраи то соли 2040» ва санадҳо ба Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба «татбиқи имтиёзи андоз» аз фоида барои корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии навро ба роҳ мемонанд, аз тасмимҳои муҳим буда, ки ба таҳкими фазои сармоягузории кишвар зиёд мусоидат хоҳанд намуд.

Дар соҳаҳои иҷтимоӣ рақамикунонӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ шахсро ба омӯзишҳои иловагӣ, босалоҳият шудан, пурсамар истифода бурдан аз вақт, гирифтани тахассусҳо, ё касбу ҳунарҳои замонавӣ таҳрик медиҳад. Ин раванд фаъолиятҳои гуногуни шахсро босифат ва босамар намуда, ба афзоиши даромади маблағии шахс таъсири мусбат мерасонад. Дар мазмуни хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла, хизматрасониҳо ба гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа шаффофият ва дигаргуниҳо ворид месозад.

Маориф ва илм чун соҳаи «наҷотбахши давлату миллат» дар ҳалли вазифаҳои *«гузариши бетаъхир ба технологияи рақамӣ»* тайёр намудани мутахассисони барномасоз ва дигар ихтисосҳои равияи иқтисоди рақамӣ, тарзи истифодабарии зеҳни сунъӣ дар раванди хизматрасониҳо, роҳҳои баланд бурдани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ, омӯзондану аз бозомӯзӣ гузарондани кадрҳо, таҷдиди назар намудани стандартҳо, таҳияи нақшаву барномаҳо ва маводи нави таълимӣ мавқеи калидӣ дорад. Дар ин воқеият сатҳи баланди касбӣ ва забондонии омӯзгору донишомӯз шарти асосӣ буда, бо зиёд намудани воҳидҳои нави корӣ, таълими фаъоли забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда мешавад.

Таъмини пешрафти босуръати технологӣ дар ҷумҳурӣ ва иҷрои вазифаҳои соҳавии болозикр бе пайвастшавии саросарӣ ба шабакаи интернет, ки то ҳанӯз суръати хизматрасонии он суст аст, чун мушкилот боқӣ мондааст. Умед аст, ки то ба шабакаи панҷ-ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ таъсис додани Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар шаҳри Кулоб, кушодани факултаю кафедраҳои ин донишгоҳ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ин душвориро аз байн мебарад.

Подоши заҳмати омӯзгор ва аҳли илму маориф ҳамасола зиёд намудани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо мебошад. Аз ҷумла, аз 1-уми сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ 30%, кормандони дигар муассисаҳои маориф 20% ва стипендияҳо 20% зиёд шуда, ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон, аз 1-уми сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд карда мешавад.

Пешрафт ва маблағгузории соҳаи маориф аз афзоиши аҳолӣ вобастагии зич дошта, имрӯз дар ҷумҳурӣ 4037 муассиса, аз ҷумла, 170 муассисаи таълимии типи нав (литсей, гимназия) фаъолият доранд, ки шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазорро ташкил медиҳад. Дар 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳои техникӣ), 23500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо 12000 хонанда, дар 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) 106000 донишҷӯ таҳсил менамоянд...

Дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 280 ҳазор нафар аз ҳисоби духтарон соҳиби маълумоти олӣ гардида, аз соли 1996 бо оғози ҷорӣ гардидани квотаи Президентӣ 11 ҳазору 600

нафар духтар соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд. Дар донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавон таҳсили илм доранд, ки аз ин миқдор 13 ҳазор (30%) духтар мебошанд. Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм кардаанд. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон 90 ҳазор нафар (42%) духтарон таҳсил менамоянд.

Имрӯз дар ҷумҳурии мо 48 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 214 ҳазор донишҷӯ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо *«масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз тақвият металабанд».* Бахри рафъи камбудиҳои ҷойдошта фаъолияти омӯзгорону олимон ва сохторҳои дахлдор бояд ба талаботи замон мутобиқ гардонда шуда, илми ватанӣ дар пешрафти ҷомеа ба мавқеи пешсаф бароварда шавад. Донишу илм дар саргаҳи парваришу ба камолрасонии наслҳо ҷой гирад, то ки онҳо бо ин тӯшаи ҳаёт дуруст ба шинохти хеш расида, рисолати инсониашонро ба иҷро расонда тавонанд. Ба ин мақсад «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» таҷдиди назар карда шуда, ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумат пешниҳод мегардад.

Дар баробари он ки ҳоло 8 барномаи давлатӣ, 2 стратегияи дарозмуддат ва 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ барои такмили мазмуни таълиму тарбия, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва умуман, ислоҳоту рушди соҳаи маориф равона шудааст, илова бар ин, барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва боз беш аз 1000 адад муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд карда мешавад. Дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки дар он на кам аз 100 хоҷагӣ зиндагӣ мекунанд, ҳатман як муассисаи томактабӣ «босифат ва санъати баланди меъморӣ» сохта мешавад.

Тавре дар Паём таъкид шуд, *«сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад».* Муайянкунандаи сифати аҳолӣ ин илму дониш, пешниҳоду амалигардонии андешаҳои (идеяҳо) нав, кашфиёту ихтироот ва офариниши арзишҳое мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ ба шинохту пешрафт ва мақомёбии давлату миллат мерасонанд. Таълиму тарбияи мутахассисони оянда барои тамоми соҳаҳо аз остонаи мактаб, бо заҳмату талоши омӯзгорон сар шуда, минбаъд низ дар комёбиву мушкилоти ҳаётии онҳо нақши мактабу маориф таъсиргузор боқӣ мемонад. Пас, бахри пешгирӣ аз дучоршавии насли нав ба мушкилиҳо, ё баъдан зиёд нашудани норозигиҳои эшон аз сатҳи донишгириашон дар мактаб, *«ба сифати мактабу маориф, ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ бо фароҳам овардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия, тамоми ҷомеа бояд эътибору диққат диҳад».*

Наврасону ҷавонон ҳамчун неруи асосии ояндасоз, бо азхудкунии донишу илмҳои муосир, ватандӯстиву хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги ниёгон ва тафохур доштан аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолии давлату миллат бояд тафовути мусбат дошта бошанд. Донишу илми нокифоя доштан ба костагии ахлоқу маърифат ва сатҳи пасти фарҳангии шахс расонда, сабаби «дастнигарӣ, хориву таҳқир дидан, ё ҷиноятсодиркунӣ» мегардад, ки мутаассифона, дар дохил ва хориҷи кишвар, дар қисме аз насли ҷавони мо ин нишонаҳои манфӣ зиёд дида мешаванд. Ақибмондагии насли муосири мо аз намояндагони дигар қавму миллатҳо метавонад ба симои миллату давлатамон таъсири манфӣ расонад.

Аз дигар тараф, бамаврид аст, ки солҳои охир баргузории озмунҳои «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» ва дар шаҳру ноҳияҳои кишвар таъсисёбии марказҳои таълимии омӯзиши касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таҳкими пояҳои маърифату фарҳанг, рушди маҳорату малакаҳои насли меросбар ва ҳатто, калонсолон ташкил шуда, натиҷабахш ба иҷро мерасанд. Дар ин самт дастури арзишманд аз Паёми навбатӣ боз он аст, ки дар панҷсолаи минбаъда барои рушди истеъдодҳои ҷавон сохта ба истифода додани мактабҳои мусиқӣ ва барои насли калонсол таъсиси маконҳои касбомӯзӣ, забономӯзиву хизматрасониҳои гуногун амалӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, аз тарафи аҳли илму маориф ва дигар ниҳодҳои дахлдор ба иҷро расондани ҳадафу вазифаҳои Паём на танҳо сифати таълиму тарбия ва рушди маорифи миллиро ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ баробар мекунад, балки пешрафти ояндаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро устувор мегардонад.

# ЗАНОНРО ГАР ЗИ ДОНИШ ЗЕВАРЕ ҲАСТ...



Холмурод ҒИЁСПУР – омӯзгори МТМУ №6, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон

**Зан – модарро сарчашмаи ҳаёт, бақои умр, давомдиҳандаи насли инсон, тарбиятгару раҳнамо ва файзу баракати хонадон меноманд, ки ин бесабаб нест. Зеро маҳз вуҷуди ин олиҳаи зиндагӣ боиси гармию ширинии ҳаёт, пойдории забону фарҳанг ва ҳувияти миллии мо мегардад. Ва хушбахт онест, ки аз домони пурмеҳру тақдирбахши модар, аз навозишҳои дастони ӯ баҳраманд гардида бошад.**

Дар бораи бузургиву мақому мартабаи зан – модар, чи абармардони гузашта ва чи давлатмардону нухбагони ҷомеаи кунунӣ, он қадар суханҳои самимонаву пурмеҳр гуфтаанд, ки ҳоҷат ба такрори онҳо нест. Бинобар ин, ман мехостам, оид ба кору фаъолияти занону модарон ва бонувону хоҳарон дар замони соҳибистиқлолӣ ибрози назар намоям. Занони тоҷик имрӯз беш аз ҳар давру замони дигар дар ҷомеаи мо мавқеи хос пайдо намудаанд. Нақши онҳо дар пойдории сулҳу амният, ҳифзу нигаҳдории арзишҳои милливу фарҳангӣ ва тарбияи ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносии фарзандон муассир аст. Ҳамагон шоҳиди онем, ки сол то сол вазъу шароити зиндагӣ ва меҳнати занон беҳтар мегардад. Бо таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои давлату ҳукумат мақому мартабаи занону бонувон дар ҷомеа хеле баланд гардидаву имконият фароҳам омадааст, ки онҳо дар баробари мардон дар ҳама соҳаҳо кору фаъолияти пурсамар дошта бошанд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон Ҳукумати мамлакат ба ҳаёт ва фаъолияти занон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, миёни давлатҳои собиқ Шуравӣ яке аз аввалинҳо шуда, Конвенсияҳои байналмилалиро дар бораи «Барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон», «Ҳуқуқҳои кӯдакон» ва «Ҳуқуқҳои занон» эътироф намуд. Инчунин, дар самти баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа як қатор санадҳои муҳим ва барномаҳоро қабул ва амалӣ намуд, ки миёни ҳамаи онҳо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» муҳим мебошад. Фармони мазкур барои аз байн бурдани нофаҳмиҳои гендерӣ дар ҷомеаи мо шароити мусоидро фароҳам сохт.

Имрӯз бо боварии том метавон гуфт, ки занону модарони тоҷик тайи солҳои соҳибистиқлолӣ тавонистанд рисолати худро ҳамчун узви фаъол, созандаву бунёдкор ба ҷо биёранд. Айни замон онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, хизмати давлатӣ, суд, прокуратура, милитсия, мудофиа, дипломатия, фарҳанг, маорифу тандурустӣ, соҳибкориву кишоварзӣ ва ғайра бо дасту дили гарм кору фаъолият намуда, дар рушду нумуи кишвари маҳбубамон саҳми арзандаи хешро мегузоранд. Агар ба маълумотҳои оморӣ назар кунем, бараъло мебинем, ки нақши занон дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа хеле боло рафтааст. Имрӯз дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил менамоянд. Яке аз дастгириҳои Ҳукумати кишвар барои соҳибмаълумоту соҳибкасб гардидани духтарон, ҷорӣ намудани квотаи



Президентӣ мебошад. Инак, дар давоми 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтар тибқи квотаи Президентӣ муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм намудаанд. Ҳоло дар маҷмуъ, 42 фоизи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро духтарон ташкил медиҳанд, ки боиси қаноатмандист.

Оид ба дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати кишвар нисбат ба занону духтарон сухан ронда, ҳаминро низ бояд қайд намоям, ки мутаассифона, имрӯз низ дар миёни ин ҷинси латиф аҳёнан ёфт мешаванд ашхосе, ки майли бегонапарастӣ мекунанд. Аз ҷумла, дар интихоби сару либос ва расму оинҳои барои мардуми мо бегона рӯй овардани иддае боиси нигаронист. Ҳол он ки халқи тамаддунофари мо дорои анъана, урфу одат ва расму ойинҳои ба худ хос мебошад. Ва дар ҳама давру замон занону модарони тоҷик посдори анъанаҳои муқаддаси миллат буданд. Либоси зебову шинами миллии мо, махсусан, атласу адрас ва чакан, на танҳо дар гузашта, балки имрӯз низ диққати сайёҳону меҳмонони хориҷиро ба худ ҷалб намуда, овозаи Ватанамонро ба ақсои олам бурдааст. Аз ҷумла, мардуми Суғд бо атласу адрас, ҳунармандони Бадахшон бо либоси миллӣ ва тоқию ҷӯробҳои рангоранг, дӯзандагони минтақаи Рашт бо гулдӯзиҳои зебову нотакрор, ҳунармандони Ҳисор бо шоҳиву алоча, дӯзандагони чирадасти Хатлон бо тоқию куртаи чакан шуҳраи офоқ гардидаанд. Вале имрӯз, мутаассифона, бархе аз занону духтарон либосҳоеро ба бар мекунанд, ки ба фарҳанги либоспӯшии мо тамоман бегона аст. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки наход зани бофарҳангу соҳибтамаддун ва хирадсолори тоҷик, ки дар асри 21 зиндагӣ мекунад, аз бегонагон тақлиди кӯр-кӯрона намояд? Кистанд онҳое, ки либоси бегона ба бар мекунанд? Агар дақиқ назар кунем, маълум мегардад, онҳо касонеанд, ки на саводи кофии динӣ доранд, на аз илмҳои муосири дунявӣ огоҳанд. Танҳо ба хотири худнамоӣ либосҳои бегона ба бар мекунанду гурӯҳи дигар ноогоҳона, нафаҳмидаву надониста, ба онҳо тақлид мекунанд. Тақлидкунандагони либосро ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: иддае бо чодари дарозу сиёҳ ва гурӯҳи дуюм бо либосҳои ниҳоят тангу кӯтоҳ. Оё зан – модари тоҷикро либоси нимурён мезебад? Охир, модарону бонувони мо умре куртаи атласу адрас ва чакану гулбаст, ҳамчунин, рӯймоли хоси тоҷикӣ доштанду бо он миллати тоҷикро дар байни дигар миллатҳо муаррифӣ менамуданд. Бешак, ба зани тоҷик, ки ӯро олиҳаи ҳусн меномем, либоси миллӣ мезебад. Либоси миллӣ як ҷузъи фарҳанги миллат буда, аз ниёгонамон ба мо мерос мондааст ва то имрӯз зебоиву дилкашӣ ва ҷаззобияташ кам нагардидааст. Меҳмонони хориҷие, ки ба кишвари мо ташриф меоранд, ҳатман ба либоси миллии мо таваҷҷуҳ менамоянд. Ин гувоҳи он аст, ки либоси миллӣ яке аз нишонаҳои барозандаест, ки фарҳанги бою ғании миллатро муаррифӣ мекунад ва дар баробари ин, мансубиятӣ динӣ ва ҳувияти миллиамонро низ барҷаста инъикос менамояд.

Набояд фаромӯш кард, ки дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди назарҳо баъзе аз гурӯҳу азҳоби ифротгаро бо ҳадафҳои ғаразноки худ мехоҳанд, байни халқияту миллатҳои алоҳида кинаву адоват барангезанд ва ба ин васила, фарҳангу тамаддуни онҳоро аз байн бибаранд. Таблиғи либоси бегона низ ба ҳамин хотир аст ва метавонад ба амнияти кишвар халал ворид созад. Баъд аз ба даст овардани истиқлолият яке аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумати мамлакат эҳёи анъанаҳои миллӣ гардид, ки имрӯз вусъату ривоҷи тоза гирифтааст. Аз ин рӯ, моро мебояд, ки ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, ташвиқу тарғиби либоси миллӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин самт заррае ҳам бошад, саҳми худро гузорем. Зеро дар баробари забони модарӣ, маҳз фарҳанги волову ҳувияти баланди миллӣ таҷассумгари дастоварду арзишҳои оини рӯзгордории миллат мебошанд.

Дигар чизе, ки боиси нигаронии ҷомеаи мо гардидааст, пошхӯрии оилаҳои ҷавон мебошад. Яке аз сабабҳои асосии онро омода набудани ҷавонон, махсусан, духтарон медонанд. Зеро аксаран писарон баъди хизмати артиш ва ё хатми макотиби олии касбӣ оила бунёд мекунанд. Вале духтаронро бештар баъд аз хатми мактаби миёна (махсусан, дар деҳот) ба шавҳар медиҳанд, ки аз нозукиҳои маърифати оиладорӣ огоҳ нестанд. Ва чунин оилаҳо ноустувор буда, зуд пароканда мешаванд. Сабаб дар он аст, ки ҳанӯз шахсияти онҳо пурра ташаккул наёфтааст ва таҷрибаи кофии зиндагӣ надоранд ва дар нишебу фарози зиндагии хонаводагӣ таҳаммулпазир нестанд. Бинобар ин, ҳангоми хулосабарорӣ дар ҳаёти оилавӣ ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Аниқтараш, ба тазодҳо ва мушкилоти руҳиву равонӣ рӯ ба рӯ гардида, ба он муқовимат карда наметавонанд ва роҳи халосиро танҳо дар ҷудошавӣ мебинанд. Раванди ҷаҳонишавии тамаддунҳо ҳоло таъсири манфии худро ба мафкураи духтарони тоҷик низ расонидааст. Имрӯз

духтарон дар радифи ҷавонон аз телефон фаровон истифода мебаранду интернет. Шояд касе эрод гирад, ки мо дар асри тараққиёти илму технологияи навин қарор дорему истифода аз телефону интернет амри зарурист. Ман ҳам аз истифодаи духтарону бонувон аз ин падидаи замони муосир зид нестам ва медонам, ки он дар вақти зарурӣ мушкилот ва эҳтиёҷоти шахсро зуд бартараф месозад. Вале фарҳанги истифода аз онро бояд донист. Зеро дар замони муосир гурӯҳҳои тундгаро барои ҷалби шаҳрвандони ноогоҳу камтаҷриба ба сафҳои худ роҳу усулҳои навро бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ба роҳ мемонанд. Аз ин рӯ, ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, афзуда истодаанд.

Омили дигаре, ки боиси коста гардидани ахлоқи бонувон мегардад, тамошои силсилафилмҳои туркист. Бархе аз занону духтарон, махсусан, занони хонанишин чунон ба он вобаста шудаанд, ки ҳар як қисмати ин силсилафилмҳоро бесаброна интизорӣ мекашанду бо мароқи том тамошо мекунанд. Ба муносибат, тарзи либоспӯшӣ ва рафтори онҳо пайравӣ мекунанд, бехабар аз он ки фарҳанги мо аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Ва он филмномаҳо низ аз ҳаёти воқеӣ дур буда, бофтаву бароварда ва тахайюли муаллифу коргардону таҳиягар мебошанд. Бисёр хуб мебуд, агар чунин бонувон вақти пурқимати худро сарфи тамошои силсилафилмҳо накарда, дар фикри ояндаи фарзандони худ мешуданд. Онҳоро дар руҳияи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия менамуданд. Ҳамчунин, ба тарбияи худшиносӣ, тарғиби шарму ҳаёи шарқиёна, шаъну шараф, ғурури миллӣ ва омӯхтани ҳунару оини рӯзгордории духтарони худ машғул мешуданду кӯшиш менамуданд, ки духтаронашон соҳибмаълумоту соҳибкасб гарданд. Зеро:

*Занонро гар зи дониш зеваре ҳаст,*<br>*Умеди рӯзгори беҳтаре ҳаст.*

Ёдовар шудан аз баъзе камбудиҳо маънои онро надорад, ки мо нақши занону духтаронро дар ҷомеа нодида бигирем. Ин танҳо ба он хотир аст, ки онҳо ҳаёти мушкилу тоқатфарсо ва беҳуқуқии занони кишварҳои ҷангзадаро пеши рӯ биёранду ба қадри озодӣ, ободӣ ва шароити мусоиди кору таҳсил дар ватан шукргузор бошанд. Ҳоло дар кишвари соҳибистиқлол ва ободу озоди мо занону мардон ҳуқуқи баробар дошта, дар паҳлуи ҳам кору фаъолият карда, хушу хуррамона умр ба сар мебаранд. Барои ба чунин рӯзҳои босаодат расидан халқи мо масири ниҳоят душвор ва сахту сангинро сипарӣ намуд. Албатта, дар ин роҳ ҷавонмардони баору номуси моро ҳамеша бонувони қавиирода ёвару мададгор буданд.

Имрӯз низ мо чун ниёгони бошараф ва соҳибтамаддуни худ ба нақши зан – модар арҷ мегузорем, зеро ин мавҷуди муқаддас насли инсонро ба вуҷуд оварда, тарбият мекунаду ба камол мерасонад ва рисолати хешро ба ҷо меорад. Дар замони мураккабу пуртазод ва пешгӯинашаванда вазифаи занони соҳибмаълумоту донишманд ва фаъолу эҷодкор беш аз пеш мефзояд. Акнун вазифаи асосии онҳо ҳамчун модар ва тарбиятгар аз он иборат аст, ки ба хотири манфиатҳои миллӣ духтаронро дар руҳияи дӯст доштани забони модарӣ, фарҳанги миллӣ, мероси ниёгон ва дигар арзишҳои миллӣ тарбия намоянд ва нагузоранд, ки омилҳои бегона ба тафаккури онҳо таъсир гузорад. Ба қавли Пешвои миллат: «Онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.»

*Наврӯз зи шуҳрати каён меояд,*<br>*Пирест, ки ҳамвора ҷавон меояд.*<br>*Бо ҷоми Ҷаму ратли гарон меояд,*<br>*Аз базми шукӯҳи Ориён меояд!*

***Гулрухсор***

# ОМӮЗИШ ВА ПАҲН НАМУДАНИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГӢ



**Роҳила НУРАҲМАДЗОДА – директори мактаб – интернати низомаш махсуси шаҳри Ҳисор, номзади илмҳои педагогӣ**

**Яке аз қисматҳои муҳим ва муассиру зарурии корҳои методиро омӯзиш, ҷамъбаст ва тарғиб намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ташкил медиҳад. Зеро маҳз омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар баланд бардоштани малакаи касбӣ, дониши тахассусӣ ва рушди қобилияти омӯзгор нақши калидӣ дошта, дарси омӯзгорро шавқовар ва фаъолияти ӯро самаранок мегардонад.**

Мақсад аз омӯзиш, ҷамъбаст ва тарғиб намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дастраси тамоми омӯзгорон гардондани муваффақияту навоварӣ ва таҷрибаи бойи омӯзгорони муваффақу соҳибтаҷриба мебошад. Татбиқи мақсаднок ва риояи давра ба давра амалӣ намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ – беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон мусоидат менамояд. Дар амалия мо мушоҳида менамоем, ки дар омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам бештар ба фаъолияти омӯзгорони навовар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва онро ҳамчун таҷрибаи пешқадам муаррифӣ менамоянд. Бояд таъкид намуд, ки дар амалияи илми педагогӣ навоварӣ ва таҷрибаи пешқадам мафҳумҳои гуногун мебошанд. Таҷрибаи пешқадам мафҳуми нисбатан васеъ буда, навоварӣ як қисмати он ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи пешқадам таҷрибаест, ки омӯзгорон метавонанд онро дар фаъолияти худ истифода намоянд ва натиҷаи дилхоҳ ба даст оранд. Навовариро на ҳама вақт омӯзгорон метавонанд дар фаъолияти худ истифода кунанд ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гарданд, зеро он характери индувидуалӣ-фардӣ дорад. Навоварӣ метавонад дар фаъолияти як омӯзгор муассир бошад, вале дар фаъолияти омӯзгори дигар қобили қабул набошад, яъне, айнан нусхабардорӣ кардани таҷрибаи омӯзгорӣ чандон натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Аз ин рӯ, ба ҳар як фаъолияти муваффақи педагогӣ бояд эҷодкорона муносибат намуд. Тасаввур кунед, агар дар як мактаб се синфи яки мувозӣ бошад, хонандагони ҳар синф дорои характеру психологияи хоси худ мебошанд. Агар дар ин синфҳо муносибати якхелаи педагогӣ ҳам дошта бошем, мо натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда наметавонем. Омӯзгор бояд мувофиқ ба хӯву хислати хусусиятҳои хонандагони синф корҳои таълимию тарбиявиро ба роҳ монад. Нусхабардорӣ кардани роҳу усули дарси як омӯзгор на ҳамеша метавонад дар фаъолияти омӯзгори дигар муассир бошад. Дар фаъолияти омӯзгорӣ ба он усулҳое, ки омӯзгорони ботаҷриба ва навовар дар фаъолияти худ истифода намудааанд, муносибати эҷодкоронаро бояд роҳандозӣ намуд. Маҳз муносибати эҷодкорона ба таълим барои шавқовар ва самаранок гузарондани дарс мусоидат намуда, дар ҳалли ин ё он мушкилот кумак намояд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки таҷрибаи пешқадами педагогӣ роҳ, усул тарзи таълиму тарбия буда, дар фаъолияти омӯзгорони



алоҳида истифода шудааст. Ва истифода аз ин усул имкон медиҳад, ки дар раванди дарс ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил гардем.

Навоварӣ метавонад чун таҷрибаи пешқадами педагогӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад, ба шарте ки ин таҷриба қаблан истифода нашуда бошад ва бори аввал дар амалия истифода шуда натиҷаи мусбат дода тавонад. Дар фаъолияти педагогҳои бузург, ба мисли Макаренко, Сухомлинский, Шатский ва дигарон бештар унсурҳои навоварӣ дида мешаванд. Аз мутолиаи «Достони педагогӣ»-и А. С. Макаренко ба хубӣ дарк менамоем, ки чӣ гуна ин педагоги бузург тавонист, бо кӯдакон душвортарбия муносибати солим, боварӣ ва якдигарфаҳмию эҳтиромро ба миён орад. Муваффақияти ин педагогҳои бузург дар он буд, ки онҳо масъалаҳои таълиму тарбияро ба таври комплексӣ ва бо истифодаи роҳу усулҳои мухталиф иҷро карда, ин масоилро ҳамчун як низоми томи таълимӣ дар амал татбиқ менамуданд. Ҳар ҷо ки муваффақият ҳаст, он ҷо дар ин ё он шакл навоварӣ вуҷуд дорад. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ низ дар худ ҷанбаи навоварӣ дорад. Омӯзгор шояд метод, роҳу усули навро пешниҳод накунад, метавонад ба усули кӯҳна либоси нав пӯшонад, агар он самаровар бошад. Муваффақияти омӯзгорӣ бе ҷустуҷӯ, эҷодкорӣ ва заҳмату мушкилӣ ба даст намеояд. Аммо бояд дар хотир дошт, ки айнан нусхабардорӣ кардани таҷрибаи пешқадам ва навоварӣ натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Аз ин рӯ, директор муовинони директор ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд таҷриба ва роҳу усули омӯзгорони навовар ва ботаҷрибаро омӯхта, тавсия намоянд, ки ба кадом лаҳзаҳои дарси омӯзгор бештар таваҷҷуҳ намоянд, кадом қисматҳои дарсро метавонанд ҳамаи омӯзгорон истифода намоянд ва кадом қисматҳоро метавонанд танҳо омӯзгорони алоҳида истифода намоянд.

Муҳим он аст, ки мо бояд ошкор намоем, ки таҷрибаи кадом омӯзгор ибратбахш аст ва метавонад мавриди омӯзиш ва ҷамъбаст қарор дода шавад. Аз ин рӯ, интихоби омӯзгор на ба таври тасодуфӣ, балки ба таври интихобӣ бо назардошти дастовардҳои таълимии ӯ бояд сурат гирад. Вобаста ба ин зарур аст, ки дар муассисаи таълимӣ барои дарёфт намудани омӯзгорони дорои таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва навовар накшаи корӣ вуҷуд дошта бошанд. Яъне, набояд дар интизори он буд, ки кай ногаҳон омӯзгоре бо усулҳои нави таълим фаъолият намуда, ба дастовардҳо ноил мегардад ва онро мо мавриди омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам қарор диҳем.

Директор, муовинони директор, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳангоми таҳлили дарси омӯзгорон, натиҷагирӣ ва додани тавсияҳо бояд мушоҳидакор бошанд ва ба ҳар як лаҳзаи дарс, шуруъ аз омодагии омӯзгор ба дарс, муносибат бо хонандагон, ҳунари пурсиши хонанда, қобилияти фаҳмонида додани мавзуъ, масъалагузорӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ ва ғайра бояд мушоҳидакор бошанд, тарафҳои мусбату манфии дарси омӯзгоронро омӯхта, ба онҳо тавсия ва супоришҳо дода, барои беҳбудии кор мисолҳо оранд ва ҳамзамон, дар раванди таҳлили дарси омӯзгорон муайян намоянд, ки кадом омӯзгор дар пешбурди раванди таълим муваффақ мебошад. Ин ба онҳо чӣ гуна даст додаст?

Қобилият ва донишу таҷрибаи роҳбар (директор ва муовинон) дар мушоҳидаву ёфта тавонистани нуктаи нозуки методи кори омӯзгор, муайян мегардад. Кадом омил аст, ки фаъолияти омӯзгорро қобили таваҷҷуҳ қарор дода, дарси ӯро ҷолиб ва муваффақ гардондааст? Омӯзгор ба кадом паҳлуҳои дарс бештар таваҷҷуҳ намудааст? Бо кадом роҳ хонандагонро фаъол гардонда, ба ҷалби онҳо ба дарс муваффақ гаштааст? Ӯ дарсро чӣ гуна оғоз намуда, чӣ гуна ба анҷом мерасонад? Муносибати омӯзгор бо хонандагони фаъол ва бо хонандагони ғайрифаъол чӣ гуна ба роҳ монда шудааст? Ба ҷавоби нодуруст ва хонандагоне, ки ба рафти дарс халал мерасонанд, чӣ гуна муносибат дорад? ва садҳо суолҳои дигар, ки барои равшан намудани паҳлуҳои дарс ва муайян намудани муваффақияту камбудиҳои он мусоидат менамоянд. Бояд таъкид кард, ки на ҳама дарси хуб ва ё таҷрибаи омӯзгори хуб қобили паҳн намудан аст. Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгори навовар зарур аст, ки мо муайян намоем: кадом лаҳзаҳои дарсиро метавон ба кадом категорияи омӯзгорон тавсия кунем? Зеро нусхабардорӣ кардани дарси як омӯзгор наметавонад барои омӯзгори дигар муваффақият орад. Магар метавон тавассути тарғиб кардани масалан, таҷрибаи пешқадами марҳум Азизов тамоми омӯзгорони фанни химияро чун Азизов муваффақ гардонид? Не, албатта!

Ва ё бо тарғиб намудани таҷрибаи Сухомлинский, ки дарси тафаккур мегузаронид, метавон ҳамчун Сухомлинский омӯзгорро омода намуд? На!

Ҳар омӯзгор дар фаъолияти худ такрорнашаванда аст, аммо дар усул ва роҳҳои таълими онҳо лаҳзаҳое ҷой доранд, ки метавонанд барои ҳама дастрас бошанд. Яъне, умумиятҳое мавҷуданд, ки аз онҳо метавон самаранок истифода намуд. Аз ин нуқтаи назар таҷрибаи пешқадами педагогӣ мафҳуми васеъ буда, фаъолияти ҳамаҷониба ва мақсадноки на танҳо директор ва муовинони директор, балки фаъолияти дастаҷамъонаи тамоми коллективи педагогиро талаб менамояд.

Вазъи ҷаҳони имрӯза тақозо менамояд, ки ба масъалаи тарбияи насли наврас диққати махсус дода шавад. Дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи пешрафти илму техника ба мазмун ва муҳтавои тарбия тағйироти ҷиддие ворид намуд, ки он мазмун, муҳтаво ва роҳҳои таълиму тарбияро мушкил гардонид. Арзишҳои умумибашарӣ, ки ахлоқи ҷомеа бар он такя менамуд, муносибати байни одамон, муносибати одамон бо ҷомеа тағйир ёфтанд, ки ин ҳама ба раванди таълиму тарбия бетаъсир намонданд. Дар ҳама давру замон мактаб дар ташаккули шахсияти кӯдак ва таълиму тарбияи ӯ нақши калидӣ дошт ва дар ҳамкорӣ бо оила зербинои ҷаҳонбинӣ, рушди малакаҳои инсонӣ, ташаккули қобилият ва иродаи ӯ мусоидат намуда, барои мутобиқшавии ӯ дар шароити муосир заминагузор буд. Тарбияи хонанда дар якҷоягӣ бо раванди таълим сурат гирад ҳам, он дорои мақсад, вазифа мазмуну методҳои худ мебошад. Мақсади таълим ба хонанда додани донишҳо дар бораи табиат, ҷамъият, фарҳанг ва одамон мебошад. Мақсади тарбия – кумак намудан хонанда барои дар оянда инсони дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ гардидан аст. Аз ин рӯ, таҷрибаи мактабӣ нишон медиҳад, муҳим аст, ки ҳар як хонанда ба методҳои мухталифи тарбия фаро гирифта шавад. Ҳеҷ як хонанда бояд аз мадди назари омӯзгор дур набошад.

Таҷрибаи пешқадами омӯзгориро метавон хуб омӯхт, ҷамъбаст ва ҳатто, муваффақона тарғиб намуда, бо фармон маҷбур кард, ки онро амалӣ намоянд, вале натиҷае ба даст нахоҳад омад. Татбиқи таҷрибаи пешқадам ба осонӣ ба амалӣ нахоҳад шуд. Барои аз худ намудан ва амалӣ кардани он шавқу ҳавас ба касби омӯзгорӣ, муносибати эҷодкорона ба ҳар як қисмати дарс, қобилияти бартараф кардани мушкилот, иродаи қавӣ, маҳорати воқеъбинона таҳлил карда тавонистани муваффақияту нокомиҳо зарур мебошад.

*Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ*
*Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.*
*Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон,*
*Чу гардад калон, боз натвонадаш,*
*Ки аз каҷҷию хам бигардонадаш.*

***Абушакури Балхӣ***

# ИНКИШОФИ МУСТАҚИЛИЯТ ДАР КӮДАКОН

*(Тақия)*



Ҷиёнбӣ СУЛТОНОВА – сармураббии ширхоргоҳ-кӯдакистони №132-и ноҳияи Фирдавсӣ

**Инкишофи мустақилият яке аз вазифаҳои муҳимтарини тарбияи кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Рушди мустақилият дар кӯдакон аз ҷониби илми равоншиносӣ ва педагогикаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ ба таври муфассал омӯхта шудааст. Дар маводи барномавию методии солҳои гуногун, аз ҷумла, замони муосир шароити ташкил ва дастгирии мустақилияти кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ таҳлил карда шудаанд.**

Инкишофи мустақилият нишондиҳандаи муҳимми омодагии кӯдак ба мактаб мебошад. Дар кӯдак қобилияти худсарона рафтор кардан, танзим ва тобеъ кардани рафтори худ барои ноил шудан ба ҳадафи муайян ташаккул меёбад, ки онро калонсолон, як гурӯҳи кӯдакон ва баъд кӯдак барои худаш фароҳам овардааст. Мустақилиятро олимон чунин муайян намудаанд:

1. Қобилияти дар зери таъсири омилҳои гуногун қарор наёфтан, дар асоси ақида ва эътиқоду иродаи худ амал кардан.
2. Хусусияти умумии танзим (идоракунӣ)-и фаъолият, муносибатҳо ва рафтори шахс.
3. Сифатест, ки тадриҷан инкишоф меёбад, дараҷаи баланди он бо хоҳиши ҳалли мушкилоти фаъолият бе кумаки одамони дигар, қобилияти гузоштани ҳадаф барои фаъолият, амалӣ намудани банақшагирии асосӣ, амалӣ намудани нақшаи пешбинишуда ва ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ба шумор меравад. Натиҷаи он ба максад мувофиқ буда, инчунин, ба зуҳуроти ташаббус ва эҷодкорӣ дар ҳалли мушкилоти ба миёномада мусоидат мекунад.

А. А. Люблинская чунин мешуморад, ки мустақилият ногаҳонӣ ба вуҷуд намеояд, он аз хурдсолӣ, дар асоси мустаҳкам намудани малакаю одатҳои одӣ инкишоф меёбад. Тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки кӯдакон дар шароити беҳтарини тарбия ва таълим метавонанд, дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳо: амалҳои бозӣ, амалҳои коммуникативӣ, ҳаракатӣ, маърифатӣ-тадқиқотӣ, амалӣ (расмкашӣ, тартибдиҳӣ, гулмонӣ, суробсозӣ), меҳнатӣ, мусиқӣ мустақил бошанд. Ҳамин тариқ, ин намуди фаъолиятҳо метавонанд, мустақил бошанд ва дар кӯдакон мустақилиятро инкишоф диҳанд.



Ш. А. Амонашвили дар чунин ақида мебошад, ки: «Агар шумо хоҳед, ки ба кӯдакон мустақилият ва ҷасорати ақлиро талқин кунед, бо онҳо фаъолияти муштарак эҷод кунед. Шароитеро фароҳам оваред, ки кӯдак озодона андешаронӣ намояд, имкон диҳед, ки мустақилона амал намояд».

Ташаккули малакаҳои мустақилият дар кӯдакони синни томактабӣ дар асоси панҷ принсип амалӣ гардонида мешавад:

**Боварии калонсолон.** Калонсолон бояд ба қобилиятҳои кӯдак боварӣ дошта бошанд ва онро дар амал нишон диҳанд. Калонсолон бояд дар хотир дошта бошанд, ки вазифаи онҳо роҳнамоӣ бахшидан аст, на ин ки иҷрои амалҳо.

**Дастгирӣ намудан.** Кӯдакон мустақилияти худро вақте нишон медиҳанд, ки калонсолон хоҳиши кӯдакро бо суханони дағал ё нигоҳи тунд аз байн набаранд, балки онҳоро руҳбаланд

намоянд. Муҳим кӯшишҳои кӯдаконро дастгирӣ намудан аст, то ин ки мустақилият дар онҳо зудтар инкишоф ёбад.

**Рушди маҳорат.** Барои он ки кӯдакон мустақил буданро омӯзанд, аввал калонсолон бояд фаъол бошанд. Чунин шароитеро фароҳам оваранд, ки кӯдак аз уҳдаи иҷрои супоришҳо баромада тавонад.

**Муайян намудани минтақаи фаъолият.** Калонсол бояд супоришҳои меҳнатиро ба якчанд марҳила тақсим намояд, чунки кӯдак мумкин аст, аз миқёси зиёди амал тарсад. Масалан, супоришро аз тоза кардани як гӯшаи ҳуҷра оғоз намоед, на аз тамоми ҳуҷра. Коршиносон тавсия намедиҳанд, ки кӯдакони синни калони томактабиро аз уҳдадориҳои меҳнатӣ озод кунанд, балки ба онҳо фаҳмонидан лозим аст, ки калонсолон низ кор мекунанд ва ҳеҷ кас дар ҳаёти ҳаррӯза бекор намегардад.

**Ташаккул додани симои мусбат дар кӯдак.** Ташаккул додани симои мусбат, ҳидоят ба корҳои нек на танҳо бо таъриф, балки бо асоснокунии муфассали он, ки маҳз барои чӣ ӯро ситоиш мекунед, дар кӯдак мустақилиятро ташаккул медиҳад. Ташкили фаъолияти мустақилонаи кӯдакон барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ мушкилоти ҷиддӣ ба миён меорад. Кӯдакон на ҳамеша имкон доранд, ки фаъолнокӣ ва мустақилияти худро нишон диҳанд ё аз ҳуқуқи худ ба интихоби озоди фаъолият истифода баранд. Мустақилияти кӯдаки синни томактабӣ аксар вақт дастгирии дурусти педагогӣ намеёбад ва фаъолияти мустақили ӯ бе таваҷҷуҳи калонсолон сурат мегирад. Дар айни замон, фаъолияти мустақилонаи кӯдакон дастгирии босалоҳияти педагогиро талаб мекунад. Вазифаи мураббӣ аз он иборат аст, ки шароити муосир барои ба вуҷуд омадан ва рушди фаъолияти пурраи мустақилияти кӯдакон дар гурӯҳ, бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ, талабот ва манфиатҳои онҳо фароҳам оварад. Мураббия бояд муҳитеро фароҳам оварад, ки ба манфиатҳои кӯдак мувофиқат намояд ва хусусияти инкишофёбанда дошта, фаъолияти маърифатиро дар ниҳоди ӯ таъмин намояд. Муҳити таълимӣ бояд ба кӯдакон имконеро фароҳам оварад, ки онҳо ба таври инфиродӣ ё якҷоя бо ҳамсолон бидуни таҳмил кардани фаъолияти ҳатмии муштарак амал намоянд.

Муҳити инкишофёфтаи таълимӣ бояд тавре ташкил карда шавад, ки ҳар як кӯдак имкон дошта бошад, бо фаъолияти дӯстдоштааш машғул шавад. Чунин муҳит бояд ба хусусиятҳои инфиродӣ, синну соли кӯдакон ва фаъолияти пешбарандаи онҳо – бозӣ мувофиқ бошад. Ҳамзамон, он бояд ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ, бедор кардани тасаввурот, мустақилиятнокӣ мусоидат намояд, муошират намуданро омӯзонад, то ки кӯдак эҳсосоти худро равшан баён карда тавонад.

Барои ташкили фаъолияти мустақилонаи бадеӣ, кӯдак бояд таҷрибаи худро, ки онро дар гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ба даст меорад, инкишоф диҳад,. Омӯзиши системанок ва пайдарҳам имкон фароҳам меоварад, ки ҳаҷми маҳорат ва қобилиятҳо зиёд гардида, кӯдак аллакай дар намудҳои гуногуни фаъолиятҳои бадеӣ (мусиқӣ, бадеӣ ва муоширатӣ, тасвирӣ, театрӣ ва бозӣ) мустақилияти худро ифода менамояд. Мураббия нишон медиҳад, ки чӣ тавр афсонаро бо роҳҳои гуногун пешкаш кардан мумкин аст. Аввалан, кӯдакон онро мешунаванд, баъд ба тасвирҳо менигаранд ва бо истифода аз онҳо афсона эҷод мекунанд, сипас онро дар театри рӯимизӣ ба намоиш мегузоранд ё қаҳрамонҳоро тасвир менамоянд. Минбаъд онҳо ин усулҳоро комилан мустақилона истифода мебаранд, дар вақтҳои холӣ ба тасвирҳо менигаранд, афсонаҳоро нақл мекунанд ва онҳоро ба саҳна мегузоранд. Воситаи дигари самаранок барои инкишофи мустақилият дар кӯдакон бозӣ ба шумор меравад. Бозӣ дар ҳамаи давраҳои синнусолӣ бояд ҳамчун фаъолияти озоди мустақилонаи кӯдакон нигоҳ дошта шавад. Дар бозӣ онҳо тамоми воситаҳоро истифода мебаранд, озодона муттаҳид мешаванд ва бо ҳам муошират мекунанд, дар он олами кӯдакӣ, новобаста аз калонсолон, то андозае таъмин мегардад. Бо дарназардошти он, ки фаъолияти пешбарандаи кӯдакони синни томактабӣ бозӣ аст, мураббия бояд муҳити гуногуни бозиро фароҳам оварад, ки бояд кӯдакро ба фаъолияти маърифатӣ омода намояд, ки ба шавқу рағбатҳои ӯ мувофиқ ва хусусияти инкишофёбанда дошта бошад. Ҳамзамон, он бояд ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ, бедор кардани тасаввурот, фаъолиятнокӣ, инкишоф додани муошират ва ифодаи равшани эҳсосот мусоидат кунад

Ҳамин тариқ, мураббия бояд вақти зиёдро барои ташкили фаъолияти мустақилонаи кӯдакон дар муассисаи таълимии томактабӣ дар давоми рӯз гузаронад, то ки кӯдак бошуурона барои ноил шудан ба ҳадаф расидан кӯшиш намояд.



# РОҲҲОИ РУШДИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ОМӮЗГОРОН

**Абдусаттор НАҶМИДДИНИЁН – муовини ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

**Дар ҷаҳони муосир, ки дар он рушди техника ва технология бо суръати бесобиқа пеш рафта истодааст, талабот ба мутахассисони варзида ва омӯзгорони ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ торафт зиёд гардида, инноватсия ҳамчун воситаи калидӣ дар таъмини ин талабот маҳсуб меёбад. Таҳияи шаклҳои нави таълим, ки ба рушди тафаккури техникӣ ва эҷодии кормандони соҳаи маориф нигаронида шудаанд, имкон медиҳанд, ки насли оянда бо малакаҳои зарурӣ мусаллаҳ гардад.**

Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат 18 марти соли 2020 қайд карданд: «Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад». Аз ин лиҳоз, ворид ва ҳамгиро сохтани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба раванди таълим ва ба ин васила самараноку муосир гардондани соҳа амали саривақтӣ ва муҳим аст. Дар ин самт такмили маҳорати касбии омӯзгорон, огаҳии онҳо аз падидаҳои самараноки соҳаи педагогика ва истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба мақсади тақвияти малакаҳои касбии онҳо нақши муҳим дорад.

**Тафаккури техникӣ ва аҳамияти он:** Тафаккури техникӣ маҷмуи қобилиятҳоест, ки ба шахс имкон медиҳад, масъалаҳои техникӣ ва илмиро ҳал кунад, ғояҳои навро амалӣ созад ва дар рушди технологияҳои нав саҳм гузорад. Барои инкишофи тафаккури техникӣ, муҳим аст, ки омӯзгорон ва шогирдон на танҳо донишҳои назариявиро аз худ кунанд, балки малакаҳои амалӣ ва эҷодии худро низ такмил диҳанд. Тафаккури техникӣ дар соҳаи маориф иқтидори инноватсионӣ ва қобилияти шахс барои ҳалли масъалаҳои мураккаб мебошад. Омӯзгороне, ки дорои чунин тафаккуранд ва дар рушди он талош меварзанд, метавонанд ба шогирдон кумак кунанд, ки дар оянда на танҳо ҳамчун истифодабарандагон, балки ҳамчун эҷодкорони технологияҳои нав амал кунанд.



**Моҳияти инноватсия дар раванди таълим:** Инноватсия дар раванди таълим, ҷорӣ кардани ғояҳо, методҳо, технологияҳо ва равишҳои нав мебошад, ки ҳадафи он ҳама беҳтар намудани сифати таълим ва баланд бардоштани самаранокии он аст. Дар соҳаи маориф навовариҳо ба тағйири муносибат дар таълим, ҷорӣ кардани технологияҳо ва методҳои замонавӣ равона шудаанд, ки дар беҳтар кардани азхудкунии донишҳо, рушди малакаҳо ва мутобиқшавии хонандагон ба шароити муосир мусоидат мекунанд. Татбиқи инноватсия дар таълим равандест, ки тавассути он технологияҳои нав, усулҳои пешқадам ва муҳити омӯзиши муосир ба системаи таълим ворид карда мешаванд. Инноватсия на танҳо фарогири таҷдиди усулҳои таълим мебошад, балки дарки нав, муносибати нав ва эҷоди муҳити мусоиди таълимиро низ дар бар мегирад. Яке

аз ҳадафҳои асосии инноватсия дар таълим омодасозии шогирдон барои ҳамкорӣ дар муҳити доимо тағйирёбандаи технологӣ ва иқтисодӣ мебошад.

**Шаклҳои инноватсионии таълим:** Барои таъмини рушди самараноки тафаккури техникӣ дар соҳаи маориф чанд шакли асосии таълим бояд татбиқ карда шавад:

**1. Таълими рақамӣ ва интерактивӣ:** Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим имконоти васеъро фароҳам меорад. Барномаҳои таълимии интерактивӣ, омӯзиши электронӣ ва платформаҳои онлайнии таълимӣ на танҳо сифати таълимро баланд мебардоранд, балки ҳамзамон, имкони ба таври инфиродӣ омӯхтани ҳар фард низ мусоидат мекунанд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин омӯзанд ва малакаҳои амалӣ ба даст оранд.

**2. Омӯзиши лоиҳавӣ ва проблемавӣ:** Таҳияи лоиҳаҳо яке аз усулҳои самарабахши рушди тафаккури техникӣ мебошад. Дар чараёни иҷрои лоиҳаҳо, хонандагон ва кормандони соҳаи маориф бо мушкилоти воқеӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ҳалли онҳо талаботи ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва истифодаи дониши техникӣ ва илмиро талаб мекунад. Ин тарзи таълим на танҳо малакаҳои техникиро инкишоф медиҳад, балки ба ташаккули маҳоратҳои дигар, аз ҷумла, қобилияти роҳбарӣ, кори дастаӣ ва ташкили муҳити инноватсионӣ мусоидат мекунад.

**3. Омӯзиши омехта:** Ин навъи таълим, ки дар он таълими анъанавӣ бо фосилавӣ ҳамгиро гардида, имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои беҳтарини ҳар ду усулро истифода бурда, таълимро мутобиқ ва самарабахш гардонанд. Ворид ва ҳамгиро сохтани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба раванди таълим ва ба ин васила, самараноку муосир гардондани соҳа амали сариваќтӣ ва муҳим аст. Дар ин самт такмили маҳорати касбии омӯзгорон, огоҳии онҳо аз падидаҳои самараноки соҳаи педагогика ва истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба мақсади тақвияти малакаҳои касбии онҳо нақши муҳим дорад.

Омӯзиши омехта модели омӯзишиест, ки дар он шаклҳои омӯзиши аудиторӣ (семинар, машварат, лексия), омӯзиши фосилавӣ (тариқи воситаҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ), иҷрои корҳои амалӣ ва роҳбаладӣ ба мақсади тақвияти маҳорати касбии омӯзгорон ҳамгиро доир карда мешавад. Омӯзиши омехта боиси бештар фарогирии шунавандагон ба курсҳои такмили ихтисос ва баланд шудани сифати таҳсилот мегардад.

**4. Машғулиятҳои амалии лабораторӣ:** Яке аз роҳҳои беҳтарини таълим истифодаи озмоишгоҳҳо мебошад. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ, хонандагон метавонанд дар амалия мавзуъҳои назарии омӯхтаашонро истифода баранд, хатоиҳо ва имконоти нави илмиро биомӯзанд ва инчунин, малакаҳои амалӣ ба даст оранд.

***Омӯзиши муттасил ва такмили ихтисос***

Омӯзиши муттасил раванди омӯзишест, ки бо таҳсили мактабӣ ё донишгоҳӣ маҳдуд набуда, балки дар тамоми умри инсон идома меёбад. Он системаи ҳамгирои таълимӣ буда, ба навсозӣ ва таҳкими доимии донишҳо, рушди малакаҳо ва мутобиқшавӣ ба технологияҳои нав ва шароити меҳнат нигаронида шудааст. Мафҳуми асосии омӯзиши муттасил аз он иборат аст, ки ҷаҳон пайваста тағйир меёбад, барои ҳамқадами замон будан ва муваффақ шудан, шахсро зарур аст, ки доимо омӯзад ва донишҳои худро такмил диҳад. Дар шароити тағйирёбии босуръати ҷаҳонӣ, омӯзиши муттасил ва такмили ихтисос барои кормандони соҳаи маориф аҳамияти хоса дорад. Барои ин ки омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф бо талаботи нави замон ҳамқадам бошанд, ба онҳо лозим аст, ки пайваста дониши худро такмил диҳанд ва малакаҳои навро омӯзанд. Ин раванд, пеш аз ҳама, дар раёсату шуъбаҳои маориф бо истифода аз барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос ва дастгирии муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

Дар маҷмуъ, таҳияи шакли инноватсионии таълим ва рушди тафаккури техникии кормандони соҳаи маориф самти муҳим ва стратегӣ барои рушди ҷомеа мебошад. Танҳо тавассути ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва истифодаи технологияҳои замонавӣ мо метавонем, ба насли оянда малакаҳои заруриро омӯзонем ва онҳоро барои фаъолият дар ҷаҳони рақамӣ омода созем. Ин раванд на танҳо ба рушди шахсият, балки рушди иқтисод ва иҷтимоиёт низ мусоидат хоҳад кард.

# МАТЕМАТИКА ВА ФИЗИКА ДАР ТИБ

**Гулнар АВЕЗОВА, Шоназар ЗАБИРОВ – омӯзгорони физика ва математикаи мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён**

**Математика ба гурӯҳи илмҳои табиатшиносӣ дохил намешавад, вале он ҳамчун илми дақиқ барои шарҳи аниқи мазмун ва ба даст овардани иттилоот татбиқ карда мешавад. Математика илми бунёдӣ буда, барои ҳама гуна соҳаҳои дониш дар тадқиқотҳои илмии ҳозиразамон васеъ истифода мешавад. Ҳақ бар ҷониби олими итолиёвӣ, физику астроном, асосгузори табиатшиносии дақиқ Галилео Галилей (1564-1642) мебошад, ки гуфта буд: «Китоби табиат бо забони математика навишта шудааст». Бархӯрдорӣ аз илми математика барои кормандони ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла, тиб ҳам муҳим аст.**

Бале, гарчанде тиб илми табиатшиносист, вале илми математика дар он татбиқи васеъ дорад. Табиб ё корманди дилхоҳи ин соҳа бе дудилагӣ тасдиқ мекунанд, ки дар фаъолияти кориашон борҳо ҷадвали зарб ва амалҳо бо ададҳои ратсионалиро истифода бурдаанд.

Агар адабиёти ба тибби қадим алоқамандро варақгардон кунем, мебинем, ки табибҳо барои табобати беморон доруворихоро бо миқдори муайян ва таносуби муайян тавсия намудаанд. Абуалӣ ибни Сино дар асари ҷовидонии худ «Қонуни тиб» доир ба риояи таносуби моводи таркиби доруҳои мураккаб, масалан, барои тайёр намудани **курсҳои тухмиҳо** менависад: «Ин аз барои кушодагии табиат, решҳое, ки андар рӯдаҳо падид оянд, касоне, ки ғизо гуворидан натавонанд, печиши сахти ноф, заҳир ва хунравии думодуми занон судбахш аст. **Таркиби онҳо:** Аз мурддона ду дирам, аз тухми бодиён, анисун, нонхоҳ, тухми карафс, тухми банг, тухми газари даштӣ як уқиягӣ ва аз афюн шаш дирам гирифта, кӯфта, безанд ва бо шароб сиришта, курсҳои нимдирамӣ бисозанд ва баъд аз шаш моҳ ба кор баранд».

Ҳоло низ ин тавсияи ҳакими замон дар саноати дорусозӣ хело дақиқ ба кор бурда мешавад. Чунончи, дар таркиби як курси якграммаи доруи «БРОНХОАКТИВ шалфей» 25мг экстракти мармарак, 25мг экстракти зуф, 25мг туршии аскорбинӣ, 4мг равғани эфирии мармарак мавҷуд аст ва боқимондаи массаи онро моводи ёридиҳанда ташкил медиҳанд.



Методҳои таълими математика дар тиб васеъ истифода мешавад.

Намуна аз татбиқи формулаҳои математикӣ дар тиб:

1. Формулаи кори дил: W=SV×HR

W (Work) - кори дил

SV (Stroke Volume) – ҳаҷми зарби дил

HR (Heart Rate) – миқдори зарби дил дар як дақиқа

6. Ғалтак реаксияро ба чараёни тағйирёбанда таъмин мекунад, ки онро бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст: $X_L = \omega \cdot L = 2\pi \cdot \nu \cdot L$ (1)

Барои як қисмати занҷири ҷараёни алтернативии дорои реаксияи индуктивӣ қонуни Омро нависед: $I_m = \frac{U_m}{X_L}$ (2)

Дар ин ҷо қимати амплитудаи шиддат Um бо қимати самарабахши он U аз рӯйи муносибат вобаста аст: $U_m = U \cdot \sqrt{2}$ (3)

(3) ва (1)-ро ба (2) гузошта, барои амплитудаи ҷорӣ ифодаи зеринро ба даст меорем:

$$I_m = \frac{U \cdot \sqrt{2}}{2\pi \cdot \nu \cdot L} = \frac{100B \cdot \sqrt{2}}{2\pi \cdot 1000\text{Гц} \cdot 0{,}08\text{Гн}} = 0{,}28A$$

*Пайғоми Аҷам резад, Наврӯз муборак бод!*
*Хуршеди Ҳамал хезад, Наврӯз муборак бод!*

*Хуш омада Фарвардин, ҷонбахши заминро бин,*
*Дай хезаду бигрезад, Наврӯз муборак бод!*

*Бар боғу чаман бингар, себаргаву гул бар сар,*
*Ваҳ боғ чу гул безад, Наврӯз муборак бод!*

*Боди саҳар аз гулшан, ғӯё ба машоми ман,*
*Сад бӯи хуш омезад, Наврӯз муборак бод!*

*Бар нола бишуд булбул, бишкуфту бихандид гул,*
*Гул хандаду бистезад, Наврӯз муборак бод!*

*Бингар нигорамро, бонуи баҳорамро,*
*Бар гӯш гул овезад, Наврӯз муборак бод!*

*Ин фасли арӯси сол орад бари мо иқбол,*
*Шодӣ ба дил ангезад, Наврӯз муборак бод!*

*Раззоқ, расид Наврӯз, имрӯз шуда нав рӯз,*
*Ҳар сӯй нидо хезад, Наврӯз муборак бод!*

***Абдураззоқи РАЗЗОҚ***

# ЭКСПЕРТИЗАИ ДАВЛАТӢ – ЧОРАИ САМАРАНОКИ ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ



**Нуриддин САЙФИДДИНЗОДА – нозири калони раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони адлия**

**Имрӯзҳо дар аксари давлатҳо коррупсия дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба хатари ҷиддие табдил ёфта, ба рушди мутаносиби давлату ҷамъият тахриму монеаҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Дар замони муосир хавфу омилҳои коррупсионӣ дар шаклҳои нав ба нав зоҳир гашта, ба фаъолияти муътадили институтҳои давлатӣ, баргузории тадбирҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиёт халали ҷиддӣ ворид месозад.**

Табиист, ки пешгирӣ накардани сарчашмаҳои пайдоиши ин падидаи манфур ҳамаҷониба таъсири манфии худро расонда, дар ниҳоят ба поймол шудани ҳуқуқ ва коста гардидани боварии шаҳрвандон нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ оварда мерасонад.Зимнан муҳиммияти масъалаи мазкурро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми мулоқоту вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои сиёсӣ роҷеъ ба ҳар чи коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ изҳори нигаронӣ намуда, бахри пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои он дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлатӣ мунтазам вазифаҳои мушаххас мегузоранд.

Мусалламан, коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки пешгирӣ ва бартараф накардани он ба оқибатҳои вазнин, аз қабили тақсимоти ғайриодилона, хароҷоти ғайриқонунии воситаҳои давлатӣ, тасарруфи маблағҳои буҷетӣ, кам ҷамъ шудани андозҳо, паст шудани сифати кори дастгоҳи давлатӣ, ташаккули рақобати носолим дар бозор, муфлис шудани соҳибкорон, аз кор рафтани кадрҳои соҳибтаҷриба, кам шудани сармоя ва пешрафти истеҳсолот, паст шудани сатҳи



хидматрасонӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, авҷ гирифтани ҷинояткорӣ, норозигӣ ва нобоварии шаҳрвандон ба институтҳои давлатӣ ва дар ниҳоят ба паст гардидани меъёрҳои ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои муқовимат ба коррупсияро дар соҳаҳои гуногуни идоракунии давлатӣ муқаррар намудааст, ки гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз усулҳои самаранок ва натиҷабахши он маҳсуб меёбад. Мубрам будани масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо ва ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандон ҷавобгӯ будани меъёрҳои қонунҳои амалкунандаро ба инобат гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 17 декабри соли 2019 зимни суханронии хеш бо кормандони мақомоти мақомоти

назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур доданд, ки фаъолияти мақомот дар самти ошкор намудани хавфу омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунанда мунтазам тақвият дода шавад.

Воқеан, номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда ва амалкунанда, аз қабили мавҷудияти ноаёнии меъёрҳо, мухолифатҳо, духӯра ифода ёфтани меъёрҳо ва дигар хавфу омилҳои коррупсионӣ ба содир шудани амалҳои коррупсионӣ ва дар ин замина, дар раванди татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои қабули қарорҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидат намуда, дар пайдоиши омилҳои коррупсионӣ дар онҳо шароити ҳуқуқиро фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавзуи мазкур мунтазам таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар Паёми худ низ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 низ гузарондани таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, мониторинги амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва муайян намудани сатҳи мутобиқати қонунгузории мамлакатро ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида ва дар ин замина, андешидани чораҳои судмандро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди татбиқи ҳуқуқ махсусан таъкид намуданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ дар самти муқовимат ба коррупсия маҳсуб ёфта, асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба ин падидаи номатлубро пешбинӣ менамояд ва ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона карда шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 14 Қонуни зикршуда яке аз роҳҳои афзалиятноки пешгирии коррупсия гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, воқеан, чун роҳи пешгирӣ барои паст кардани шиддати коррупсия ва хавфу омилҳои коррупсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии бо тартиби муқарраршуда қабулгардида мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд. Аз ин рӯ, дар ҳолати бо гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо пешгирӣ накардани омилҳои коррупсионӣ, коҳиш додани сатҳи коррупсия дар ҷомеа мушкил мегардад. Танҳо дар сурати гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионӣ омилҳое, ки ба коррупсия шароит фароҳам меоваранд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо пурра бартараф карда мешаванд. Бо ба инобат гирифтани ҳамин мавзуъ, дар муқаррароти қисми 3 моддаи 5 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия пешбинӣ карда шудааст, ки ҳар як давлати иштирокчӣ бояд мунтазам баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии худро вобаста ба пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ дар онҳо роҳандозӣ намояд. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади имплементатсияи ин муқаррароти санади ҳуқуқии байналмилалӣ, яъне, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ва тақвияти чораҳои муқовимат ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро аз 28 декабри соли 2012, №925 қабул кард ва дар асоси он санаи 27 ноябри соли 2014, №1136 ба моддаҳои 3 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бобати гузарондани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, ин вазифа ба зиммаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва бартараф намудани сабабу омилҳои коррупсионӣ дар бар мегирад. Ҳоло тибқи талаботи Қонуни болозикр, субъект ва объекти баргузории экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ, принсипҳои он, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва дигар масъалаҳои мушаххас дар ин самт тибқи қонунгузорӣ танзими мушаххаси худро ёфтаанд. Тибқи

талаботи қонунгузорӣ, дар ҷараёни иҷрои ин амал аз ҷониби экспертон принсипҳои зерин бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд:

- *асоснокӣ, холисӣ (беғаразӣ), айният ва имконпазирии санҷиши натиҷаҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; салоҳиятнокии шахсоне, ки экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронанд; мустақилият ва ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда вобаста набудани экспертҳо; ҳатмӣ будани гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҳатмӣ будани баррасии хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шаффофият ва таъмини имконияти шинос шудан бо натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; масъулияти субъектҳои барои гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор барои сифати экспертизаи зиддикоррупсионӣ.*

Таъмини риояи принсипҳои гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки экспертоне, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшударо пурра, холисона ва ҳаматарафа омӯхта, хулосаҳои дақиқу асоснок пешниҳод намоянд. Бе риояи принсипҳои муқарраршуда омода кардани хулосаи дақиқ, мушаххас ва холисона ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки экспертони ваколатдор принсипҳои муқарраршударо ҳатман ба роҳбарӣ гиранд. Тибқи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан 2 намуди экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст:

1) экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

2) экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда мешаванд. Новобаста аз ин, мақомоти Агентӣ метавонад экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи хусусияти умумиҳатмидоштаро ҳам бевосита гузаронад. Экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронда шуда, субъект ва тарзи гузарондани ин фаъолият дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ карда шудааст. Илова ба ин, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарондани арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда, он бояд аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда гузаронда шавад. Яъне, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки таҳия карда мешаванд, сараввал, бояд аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ гузаронда шуда, баъдан барои гузарондани экспертизаи давлатии зиддикуррупсионӣ пешниҳод карда шаванд. Барои ин бояд мутахассисоне ҷалб карда шаванд, ки дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок накарда бошанд. Ба сифати объектҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инҳо баромад мекунанд:

- *қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва лоиҳаҳои онҳо; қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо; фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо; санадҳои меъёрии ҳуқуқии*

*хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо. Инчунин, дастурҳо, низомномаҳо, оинномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо санадҳои дар боло зикршуда тасдиқ мегарданд, объекти экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд.*

Бояд зикр кард, ки экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои тибқи қонунгузорӣ ваколатдор, инчунин, аз ҷониби шаҳрвандон ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ҷамъиятии зиддикоррупсионӣ) гузаронда мешавад. Ҳангоми иҷрои ин фаъолият дар аввал бояд асосҳо барои гузаронидани экспертиза ба инобат гирифта шаванд. Қонунгузорӣ дар ин сурат ҳолатҳои зеринро пешбинӣ намудааст:

- *тибқи тартиби муқаррааргардида таҳия ва пешниҳод шудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия; воридшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ; муроҷиати мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар бораи ҷой доштани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; хулосаҳои экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.*

Дар баробари ин, экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархостҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳам гузаронда мешавад. Барои таъмини самараноку натиҷабахш гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ бояд экспертизаи ҳар як меъёри санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба мавҷудияти омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия гузаронда шуда, натиҷаҳои он бо дарназардошти пайдарҳамии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия баён карда шаванд. Аз рӯи натиҷаҳои баргузории экспертизаи зиддикоррупсионӣ хулоса таҳия карда мешавад ва дар хулоса муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо нишон додани қисми таркибии он (муқаддима, қисм, фасл, боб, параграф, модда, қисм дар модда, банд, зербанд, сархат), ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шудаанд, инъикос мегарданд. Инчунин, дар хулоса метавонад оқибати эҳтимолии дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бартараф нагардидани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия инъикос карда шавад. Муқаррароти дар раванди гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ошкоршуда, ки ба омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мансуб нест, аммо метавонад барои коррупсия шароит фароҳам оварад, дар хулоса ба таври алоҳида нишон дода мешавад. Мӯҳлати гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ то 1 моҳ буда, дар ҳолатҳои истисноӣ роҳбарияти мақомоти дахлдор метавонад онро то 30 рӯз тамдид намояд. Эксперт бояд мӯҳлати муқарраршударо ба таври ҳатмӣ риоя намуда, дар мӯҳлати пешбинишуда вобаста ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ба пешбурди худ қабулнамуда дар асоси риояи талаботи бобҳои 1-5 Дастурамал хулосаи асоснок омода ва пешниҳод намояд. Қобили қайд аст, ки моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ кардааст, ки хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи воридшавии хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ бояд ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар сурати розӣ шудан бо хулоса мақомотро хабардор кунад, вале дар сурати розӣ нашудан бояд раддияи асоснок ирсол карда шавад. Аз ин рӯ, бо такя ба меъёри зикршуда эксперт бояд натиҷаи ҳар як хулосаи худро назорат барад ва дар ҳолати аз ҷониби

субъекти ҳуқуқэҷодкунанда риоя карда нашудани ин талаботи қонунгузорӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд. Ҳоло тибқи талаботи қисми 2 моддаи 5 дар Қонуни болозикр 12 омили бавуҷудоварандаи коррупсия оварда шудааст, ки дар асни гузарондани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ аз ҷониби эксперт дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой доштани ҳолатҳои зерин бояд ҳаматарфа санҷида шавад:

**Васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда**

Мавҷуд набудан ё номуайянии мухлатҳо, шартҳо ё асосҳои қабули қарор, такрор шудани ваколатҳо дар байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

**Муайян кардани салоҳият аз рӯи қоидаи «ҳуқуқ доштан»**

Пешбинӣ намудани имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ, маҳомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) содир намудани амалҳо нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; Интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо. Имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) беасос муқаррар намудани истисноҳо аз қоидаҳои умумӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; Озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ. Мавҷудияти меъёрҳои ҳаволакунанда ва умумӣ, ки заминаи аз худ кардани салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро (шахсони мансабдори онҳоро) ба вуҷуд меорад;

**Қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ берун аз доираи салоҳият**

Аз доираи салоҳияти худ баромадани мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо).

**Ихтилофи меъёрӣ**

Пурра ё қисман мухолиф будани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ барои озодона интихоб намудани санаде, ки дар ҳолати мушаххас бояд татбиқ карда шавад, имконият ба вуҷуд меорад.

**Мукаммалгардонии норасоиҳо дар қонунгузорӣ тавассути санадҳои зерқонунӣ бидуни ба таври қонунгузорӣ ваколатдор шудан**

Муқаррар намудани қоидаҳои умумиҳатмии рафтор дар санади зерқонунӣ дар мавриди набудани санади қонунгузорӣ.

**Мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ**. Мавҷуд набудани тартиби амалисозии ҳаракатҳои муайян ё ҷузъиёти онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо).

**Даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо (музоядаҳо)**

Муайян намудани тартиби маъмурии пешниҳоди ҳуқуқҳо ва (ё) неъматҳои моддию ғайримоддӣ.

**Мавҷудияти талаботи барзиёд нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад**

Муқаррар намудани талаботи номуайян, иҷрояшон мушкил ва заҳматталаб барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

**Меъёрҳои имконияти сӯиистифода намудани ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахсони мансабдори онҳо бавуҷудоваранда**

Мавҷуд набудани тартиботи аниқи амалисозии ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

**Номуайянии ҳуқуқию лингвистӣ (забонӣ)**

Истифодаи гурӯҳи истилоҳҳои беасоси хусусияти муайянкунидошта ва ибораҳои бисёрмаънӣ, ки бе тафсири мафҳумҳои мушаххас қобили қабул ва истифода нестанд.

Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар боло номбар шудаанд, барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ шароит ба вуҷуд оварда, ба номуназзамии фаъолият оварда мерасонанд. Бинобар ин, чорабиниҳои дахлдор дар самти ошкор ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо самти афзалиятноки фаъолият дониста шуда, бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда барои ноил шудан ба ҳадафҳои зиддикоррупсионии Ҳукумати мамлакат заминаи мусоид мегузорад.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ПАРКИ ТЕХНОЛОГӢ» (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010)

**Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти Парки технологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa, вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти онро муайян менамояд ва барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ нигаронида шудааст.**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- барнома ва лоиҳаи инноватсионӣ – маҳсули неруи зеҳнии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дорои ғояҳои нав буда, бо мақсади татбиқу рушди илм ва ҷорӣ намудани технологияи муосир таҳия мегарданд;

- парки технологӣ – шахси ҳуқуқӣ ё консорсиум, ки ба маҷмуи ягонаи моддию техникӣ ҳуқуқи соҳибмулкӣ дорад ва фаъолияти асосии он пешниҳод ва иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ буда, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ заруранд;

- бизнес-инкубатор – шахси ҳуқуқӣ, ки барои дастгирии субъектҳои хурди соҳибкорӣ дар марҳилаи ташакулли рушди онҳо бо роҳи пешниҳод намудани биноҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот, хидматрасонии ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, машваратӣ ва иттилоотӣ ташкил карда мешавад;

- инфрасохтори Парки технологӣ – маҷмуи биноҳои идоравӣ, иншооти истеҳсолӣ, муҳандисӣ, нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва иҷтимоии дар ҳудуди Парк ҷойгирбуда, ки аз он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода менамоянд;

- субъекти Парки технологӣ – шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ба феҳристи субъектҳои Парки технологӣ дохил карда шудааст ва дар ҳудуди Парки технологӣ фаъолияти инноватсионӣ-технологиро ба амал мебарорад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010);

- феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) – пайдарпайии блокҳо бо маълумот оид ба амалиёте, ки дар низоми иттилоотии ғайримарказии тақсимшуда бо истифода аз усулҳои криптографии ҳифзи иттилоот дар асоси алгоритмҳои ба низоми мазкур воридшуда сохта шудаанд;

- тамғаи рақамӣ (токен) – сабт дар феҳристи блокҳои муомилот ва ё низоми дигари иттилоотии тақсимшуда, ки барои тасдиқи ҳуқуқи соҳиби тамғаи рақамӣ (токен) ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ ва (ё) ҳамчун дороии рақамӣ истифода мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010);

- натиҷаи ниҳоии таҳқиқоти илмӣ - натиҷаи таҳқиқоти илмие, ки онро дар истеҳсолот ҷорӣ намудан имконпазир аст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Парки технологӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Парки технологӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад

(Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010).

**Моддаи 3. Таъсис ва фаъолияти Парки технологӣ**

1. Парки технологӣ (минбаъд – Парк) шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ (ба истиснои парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ (IT Park) (минбаъд – парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ) буда, ҳамчун муассиса дар ҳудуди махсус таъсис дода мешавад, ки бо мақсади рушди илм ва истифодаи самараноки технологияи аълосифат барои қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолот дар истифодаи технологияҳои навтарин ва татбиқи лоиҳаҳои иноватсионӣ ва инвеститсионӣ фаъолият менамояд (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 №2010).

2. Дар ҳудуди Парк ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, бюроҳои лоиҳакашию конструкторӣ, биноҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимӣ, ҳамчунин, биноҳои хидматрасонӣ фаъолият

менамоянд, ки онҳо ба мақсади истифода аз технологияи аълосифат ва амалӣ гардонидани барнома ва лоиҳаҳои инноватсионӣ муттаҳид карда мешаванд.

3. Парк метавонад аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ, як ё якчанд муассисаи таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, ташкилотҳои саноатии давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъсис дода шуда, барои амалӣ намудани мақсадҳои худ ҳамкориро байни онҳо ба роҳ монад.

4. Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, бо мақсади рушди технологияҳои иттилоотӣ, мусоидат ба ташаккули низоми иқтисоди рақамӣ ва ҷалби шарикони рушд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Субъекти Парк, ки дар парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияти худро тибқи тартиби муқарраргардида дар ҳудуди парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба амал мебарорад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010).

5. Парк дар доираи Оинномаи худ, ки дар он вазъи ҳуқуқии Парк муайян гардидааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010).

**Моддаи 4. Шаклҳои Парк**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Парк дар шаклҳои зерин таъсис дода мешавад:

- Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010);
- Парки инноватсионию технологӣ;
- Парки илмӣ (ё Парки таҳқиқотӣ);
- Технополис;
- Инкубатори технологӣ (Бизнес-инкубатор).

2. Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ яке аз намудҳои парк мебошад, ки дар ҳудуди он таҳияи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, истеҳсоли маҳсулоти барномавӣ ва намудҳои дигари фаъолият, ки дар самти технологияҳои иттилоотӣ ба истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манънабуда машғуланд, анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010).

3. Низомномаи парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ бо дар назар доштани хусусияти фаъолияти он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

4. Дар парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ шароитҳо барои ҷорӣ намудани технологияи феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва низоми дигаре, ки ба принсипҳои тақсимшуда, ғайримарказонидашуда ва бехатарии амалиётҳои бо истифодаи онҳо анҷомдодашаванда асос ёфтаанд, ба истиснои фаъолияти истихроҷ (майнинг)-и тамғаи рақамӣ (токен), фароҳам оварда мешаванд.

5. Низомномаи парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳуқуқи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ (ғайрирезидент)-ро барои ба даст овардан, соҳиб шудан, ихтиёрдорӣ намудан ва анҷом додани дигар амалиёти дахлдор бо тамғаи рақамӣ (токен) пешбинӣ намояд.

6. Амали қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими асъор ва назорати асъор, бозори коғазҳои қиматнок, талабот оид ба иҷозатномадиҳии фаъолияти касбӣ ва биржавии коғазҳои қиматнок ва фаъолияти дигар, баҳисобгирии муҳосибӣ, талабот оид ба гирифтани иҷозати махсус (иҷозатнома) барои анҷом додани фаъолият оид ба ҳифзи техникӣ ва ё криптографии маълумот ё дигар ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ оид ба ҳифзи маълумот, тасдиқи мутобиқат, гузаштани экспертизаи давлатии таҷҳизоти техникӣ ва криптографии ҳифзи маълумот, истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ, низом ва захираҳои қисмати миллии шабакаи компютерии ҷаҳонии Интернет, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудаанд, бақайдгирии онҳо, инчунин меъёрҳои қонунгузории маданӣ нисбат ба субъектҳои парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ бо дар назар доштани истисноҳои ҳатмӣ ва махсусияти истифодабарии феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн) ва низоми дигари тақсимоти иттилоот бармеоянд ва дар Низомномаи парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пешбинӣ карда шудаанд, амалӣ мегардад (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010)

7. Парки инноватсионию технологӣ яке аз намудҳои Парк буда, барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи аълосифат ва рушди муассисаҳои истеҳсолии инноватсионии хурд ва миёна хидмат менамояд.

8. Парки илмӣ (ё Парки таҳқиқотӣ) яке аз намудҳои Парк мебошад, ки илмро бо истеҳсолот якҷоя намуда, метавонад бо як ё якчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмию таҳқиқотӣ ё дар алоҳидагӣ барои рушди истеҳсолот фаъолият намояд. Дар муқоиса бо дигар намудҳои Парк, ба он бо мақсади гузаронидани таҳқиқотҳои зиёди илмталаб кадрҳои баландихтисос ҷалб карда мешаванд.

9. Технополис – ҳудуде мебошад, ки дар он муассисаҳои инноватсионии хурд ва миёнаи ташкилотҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои илмию истеҳсолӣ, таҳсилоти олии касбӣ, илмию таҳқиқотӣ ва ё дар алоҳидагӣ таъсис ёфта, фаъолият менамоянд.

10. Инкубатори технологӣ (бизнес-инкубатор) муассисаест, ки аз тарафи давлат барои рушди тиҷорати хурду миёна маблағгузорӣ гардида, барои ба истеҳсолот ҷалб намудани технологияҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст (Қонуни ҶТ аз 13.11.2023 № 2010).

**Моддаи 5. Мақсадҳои таъсиси Парк**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Парк бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешавад:

- рушди имкониятҳои илмию техникӣ ва технологию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- татбиқи барнома ва лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- ташкил ва татбиқи барномаҳои инноватсионии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;
- мусоидат ба инкишофи технологияҳои муосири илмталаб;
- таҳкими заминаи моддию техникӣ ва молиявии муассисаҳои таълимӣ,

илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ ва дарёфти сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди илм ва технология;

- муттаҳид сохтани нерӯи зеҳнӣ барои пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва ҷорӣ намудани технологияи аълосифати муосир дар истеҳсолот;
- ҷалби донишҷӯён, аспирантҳо, магистрҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони илмию таҳқиқотӣ барои ҳамгироии илм ва истеҳсолот;
- рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои хурду миёна;
- ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ;
- ҳамкории муассисаҳои илмӣ ва бизнеси инноватсионӣ.

**Моддаи 6. Вазифаҳои асосии Парк**

Вазифаҳои асосии Парк аз инҳо иборат мебошад:

- ҷорӣ намудани натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқоти илмӣ ба истеҳсолот;
- ҳавасмандгардонии қобилияти зеҳнӣ баҳри таҳия ва ҷорӣ намудани технологияи аълосифат дар истеҳсолот;
- омӯзиш ва истифодаи технологияи аълосифате, ки аз хориҷи кишвар ворид мешавад;
- такмили ихтисоси муҳаққиқон ва дигар кормандони илмиву таълимӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғул мешаванд;
- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи инноватсионӣ.

**Моддаи 7. Самтҳои асосии фаъолияти Парк**

Парк дар самтҳои зерин фаъолият менамояд:

- ҷорӣ намудани технологияи аълосифат вобаста ба талаботи бозор;
- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои ҳамгироии илмҳои амалӣ ва истеҳсолот мусоидат менамоянд;
- фароҳам овардани шароит барои таҳия намудани махзани маълумот ҷиҳати пешбурди фаъолияти инноватсионӣ ва хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- омӯзиши технологияҳои муосири илмталаби хориҷӣ ва истифодаи онҳо дар истеҳсолот;
- андешидани тадбирҳо ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами лоиҳаҳои инноватсионии хориҷӣ ба хотири ҷалби технологияи нав ба истеҳсолот;
- фароҳам овардани шароит барои рушди инфрасохтори Парк ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;
- бо сифати баланд анҷом додани таҷриба, ташхис ва дигар корҳои илмию технологӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ таъмини татбиқи онҳо;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ ва афзун гардонидани буҷети онҳо;
- фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хурду миёна;
- истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;
- тайёр намудани мутахассисон дар дохил ва хориҷи кишвар барои фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи барномаҳои инноватсионию технологӣ;

- таълими мақсадноки мутахассисон барои татбиқи барнома оид ба лоиҳаҳои инноватсионӣ.

**Моддаи 8. Бақайдгирии давлатии Парк**

1. Парк бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

2. Парк аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад.

3. Парк бе маҳдуд намудани мӯҳлати фаъолияти он таъсис дода мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре муқаррар накарда бошад.

**Моддаи 9. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Парк**

Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Парк тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 10. Назорати фаъолияти Парк**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати фаъолияти Паркро мақоми ваколатдори давлатӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, амалӣ менамояд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати масъалаҳои назорати фаъолияти Парк қарор қабул менамояд ва оид ба фаъолияти онҳо тавсияҳои методӣ пешниҳод мекунад.

**Моддаи 11. Анҷом додани ташхис**

1. Парк бо тартиби ихтиёрӣ дар доираи салоҳияти худ вобаста ба мувофиқати соҳаи илмию истеҳсолӣ ба технологияи инноватсионӣ ташхиси барнома ва лоиҳаҳои инноватсиониро анҷом медиҳад.

2. Тартиби аз ҷониби Парк анҷом додани ташхиси барнома ва лоиҳаҳои инноватсиониро мақоми ваколатдори давлатӣ муайян менамояд.

**Моддаи 12. Ҳамкории Парк бо дигар иштирокчиёни соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ**

1. Парк бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки таҳқиқоти илмӣ, истеҳсолӣ ва инноватсионӣ мегузаронанд, ҳамкориро ба роҳ мемонад ё таҳқиқот ва ё лоиҳаи илмии онҳоро амалӣ мегардонад.

2. Парк бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади татбиқи барномаю лоиҳаҳои инноватсионӣ шартнома мебандад.

**Моддаи 13. Ҳамкории байналмилалӣ**

1. Парк бо ташкилотҳои байналмилалии илмӣ, инноватсионӣ ва технологӣ ҳамкорӣ намуда, метавонад дар татбиқи барнома ва лоиҳаҳои инноватсионии давлатҳои хориҷӣ иштирок намояд.

2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба фаъолияти Парк мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

3. Парк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ, дарёфти грантҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ ба институтҳои молиявии байналмилалӣ доир ба амалигардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва ворид кардани технологияи аълосифат лоиҳаҳо пешниҳод менамояд.

**Моддаи 14. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш.Душанбе,
21 июли соли 2010 № 629

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИТОҶИКИСТОН**

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистонро «Дар бораи Парки технологӣ» баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» ҷонибдорӣ
карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев
ш. Душанбе, 8 июли соли 2010 № 59

# ТАЛАБОТ:

✓ Аҳамияти мавзуъ дар мақола бояд бо нишондоди натиҷаҳои назариявию таҷрибавӣ асоснок шуда, мақола хулосаҳои мушаххас дошта бошад.

✓ Нусхаи чопии таҳриршудаи мақолаҳо бо фосилаи 1,5-и байни сатрҳо ва бо ҳарфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд. Пешниҳоди шакли электронии мақолаҳо (дар флеш ё ба воситаи почтаи электронӣ) ҳатмист.

✓ Ҳаҷми умумии мақола бо маводи аёнӣ – нақша, расм, диаграмма (агар бошад, феҳристи адабиёт аз 8 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.

✓ Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад, мақоларо таҳрир кунад, баъзе тағйироти зарурӣро ворид намояд ва дар сурати ҷавобгӯ набудани он ба муҳтавои маҷалла ба муаллиф ҷавоби рад гардонад.

✓ Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводеро низ нашр мекунад, ки бо он мувофиқ нест. Ба дурустии далелҳо муаллифон ҷавобгаранд.

# МУШТАРИЁНИ АЗИЗ!

Муҳтавои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дархӯри фаъолияти тамоми муассисаҳои соҳаи илму маориф ва онҳоест, ки дар роҳбарӣ, касбият, усули кор дар таълим, тарбия, рушди истеъдод, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ, назорати дохилимактабӣ, робита бо оила ва ҷомеа, иттиҳодияҳои методӣ ва даҳҳо паҳлуҳои дигари илму маориф ба маслиҳат ниёз доранд, таҷрибаи худро муаррифӣ кардан мехоҳанд ва ҳадафашон як аст: **шинохтани мақоми маориф чун омили амнияти миллӣ!**

Вақте маҷаллаи моро ба даст гирифтед, ба саҳифаҳои он ҷиддӣ назар кардед, андеша, пешниҳод, таҳлил, фикри бикре дар робита ба муҳтавои он манзури алоқамандон гардондед, ҳатман интизор бошед:

• маорифи кишвар рушд мекунад;
• сифати таҳсилот боло меравад;
• сатҳи касбияти омӯзгор беҳтар мегардад;
• идеологияи миллӣ шакли комил мегирад;
• маърифати ҷомеа такмил меёбад. . .

Пас, биштобед, то аз манфиатҳои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» баҳра баред. Обуна шудан ба маҷалла шарти муҳимми расидан ба ҳадафҳост.

«Маорифи Тоҷикистон» аз шумо ва барои шумост!

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА // ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000 Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626 РМА: 010009508